ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №21 (250) 28 феврали соли 2017, сешанбе (оғози нашр: соли 1994)

## МАЛИКАИ ДОНИШГОҲ - 2017




*Рӯзи 27-уми феврали соли 2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тибқи шақша-чорабинии шуъбаи кор бо ҷавонон ва Шӯрои духтарони динишгоҳ озмуни "Маликаи донишгоҳ-2017" гузаронида шуд. Дар ин озмун аз ҳама факултаҳои донишгоҳ духтарони соҳибистеъдод иштрок намуда, ҳунари худро нишон доданд. Озмун аз бахшҳои саволмнома, бофтани гарданбанд, ҳунармадӣ ва ҳозирҷавобӣ иборат буд. Дар натиҷа Сомеъзода Шаҳноза, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика ягона духтаре буд, ки аз уҳдаи тамоми шартҳои озмун ба пуррагӣ баромад ва бо Ифтихорномаи Кумитаи тадорукот ва тоҷи "Маликаи донишгоҳ-2017" қадрдонӣ карда шуд.*

### ХОЛИҚОВ САФАР: МАН ХУДАМРО БАР ЗИНДОН МЕБАРАМУ ОНҲОРО НЕ …



### МУЪҶИЗАИ РАҚАМҲО ДАР ҚУРЪОН



### СУХАНИ РАВШАНФИКРОН ТО ЧӢ АНДОЗА ТАЪСИРГУЗОР АСТ?



### ЧАРО ДОНИШҶӮЁН КАМСАВОДАНД?



### ДОНИШҶӮ ГУРЕЗ, КИ ҶӮГӢ МЕОЯД!



### 23-ЮМИ ФЕВРАЛ: ТУҲФАИ БЕНИШОН…




### МАРД НАМИРАД БА МАРГ…



*Аҳмақ бошад, ки ганҷе дораду харҷаш нест,*
*Бар сутур анбори гавҳар кай бувад суди сутур?!*

Анвори дониш
№21 (250) 28 феврали соли 2017

# 3 ИФТИХОРНОМА БАРОИ ХИЗМАТҲОИ ШОИСТА



Таърихи 13-уми феврали соли 2017 номзади илмҳои филологӣ, дотсент ноиби ректор оид ва илм ва инноватсияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Худойдодова Шарофат барои хизматҳои шоиста дар такомули илми кишвар, фаъолияти пурсамари ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани мақом ва манзалати зани тоҷик дар арсаи байналмилалӣ аз тарафи Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимзода Идигул ва Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ бо Ифтихорономаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.

Инчунин, муаллима барои саҳми арзанда дар рушди илми муосир ва иштироки фаъолона дар кори Конфронси илмӣ таҳти унвони "Занон ва рушди илми муосир" бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм бо Сипосномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон сарфароз гардонида шуд.

*Алишер ЯТИМОВ, хабарнигор*

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Рӯзи 22-юми феврали соли 2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси раёсати донишгоҳ бахшида ба 24-умин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии фарҳангӣ гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ ректори донишгоҳ, профессор Абдулло Ҳабибулло, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ, генерал Азимов Раҷабалӣ, иштирокчии мутарҷими ҳарбии Дастгоҳи сармушовири ҳарбии гурӯҳи мушовирони Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ, раиси интернатсионалистони ноҳияи Кӯлоб ва атрофи он Сайфулло Исмоилов ва дигарон иштирок намуданд. Сараввал сухани ифтитоҳӣ ба ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло дода шуд. Устод иштиркчиён ва дар симои онҳо тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро бахшида ба Рӯзи Артиши миллӣ табрик ва муборакбод намуданд. Баъдан дигар меҳмонони фахрӣ баромад намуданд. Сипас, ба як қатор иштиркчиён туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд. Чорабинӣ аз ду қисмат: илмӣ ва бадеӣ иборат буд. Дар қисмати бадеӣ кормандони хонаи маданияти донишгоҳ ва донишҷӯён иштироки фаъолона намуда, бо сурудҳои омоданамудаи хеш табъи ҳозиринро шод намуданд.

*Алишер ЯТИМОВ, хабарнигор*



# РӮЗИ "ДАРҲОИ КУШОД" ДАР ДОНИШГОҲ



Таърихи 18-уми феврали соли 2017 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ рӯзҳои "Дарҳои кушод" баргузор гардид. Дар ошёнаи аввали бинои нави донишгоҳи мазкур намоиши дастовардҳои донишгоҳ, омӯзгорон ва донишҷӯён ба маърази тамошои хонандагон гузошта шуда буд, ки ҳудуди 500 нафар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб ширкат варзиданд. Ба довталабон маълумотҳо оид ба фаъолияти донишгоҳ пешкаш карда шуд. Пас аз намоиши дастовардҳо дар "Толори фарҳангӣ"-и донишгоҳ бо ҳамроҳии хонандагон Холиқов Сафар ноиби ректор оид ба таълим, Сайдаҳмадова Дилором ноиби ректор оид ба тарбия, Худойдодова Шарофат ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия ва деканони факултаҳо суҳбати озод намуданд. Сараввал Худойдодова Шарофат суханронӣ намуда, ҳамаи хонандагонро ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ хайрамақдам гуфта, интихоби довталабонро ба ин донишгоҳ тавсия намуданд. Сипас, сухан ба ноиби ректор оид ба таълим Холиқов Сафар дода шуд. Боқимондаи вақтро бо саволу ҷавобҳое, ки аз ҷониби хонандагон дар бораи донишгоҳ ва факултаҳои гуногун дода шуда буд, гузарониданд ва ба ҳар як савол ҷавобҳои саҳеҳ ва пурра гардонида шуд. Бештари саволҳо ба факултаҳои физика, математика ва информатика, химия, биология ва геграфия, молиявию иқтисодӣ ва филологияи хориҷӣ рабт доштанд, ки ба ин саволҳо асосан деканҳои факултаҳо посух гардониданд ва дар бораи факулта, шуъбаҳо, шакли таҳсил ва қабули довталабон маълумоти пурра дода шуд. Аз деканҳои факултаҳо Мирсаидов М. декани факултаи молиявию иқтисодӣ, Бобоев Сафар, декани факултаи химия, биология ва география, Шарифхоҷаева Саодат, декани факултаи филологияи хориҷӣ ва Мирзоев Шариф, декани факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ баромад намуданд.

*Алишер ЯТИМОВ, хабарнигор*



# ТАЪСИСИ ШӮРОИ КОР БО ҶАВОНОН ДАР ДОНИШГОҲ

Таърихи 16.02.2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷаласаи Шӯрои кор бо ҷавонон дар назди ректори донишгоҳ баргузор гардид. Бояд тазаккур дод, ки дар нахустин кори Шӯро се масъала баррасӣ карда шуд. Ҳисоботи солонаи сардори шуъбаи кор бо ҷавонон, шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тасдиқи нақшаи Шӯро аз тарафи Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. Нахуст дар кори Шӯро сардори шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ Далер Каримов аз фаъолияти солонаи шуъба иттилоъ дода, оид ба фаъолияти донишҷӯён дар озмуну чорабиниҳои фарҳангиву илмӣ, инчунин оид ба дастовардҳои варзишгарони ин махзани илму маърифат дар мусобиқаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар соли 2016 ҳисобот дод. Мавсуф зикр дошт, ки донишҷӯёни донишгоҳ соли 2016 ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Таъкид шуд, ки минбаъд низ донишҷӯёни донишгоҳ дар чорабиниҳои фарҳангиву ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзанд. Зимни баррасии масъалаи дуюми Шӯро нуктаҳои асосии Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокчиён расонида шуд, ки дар он омӯзгорону донишҷӯён изҳори ақида намуда, баён доштанд, ки Паём бори дигар ҷавононро водор намуд, ки дар ҳама самтҳои хоҷагии халқ фаъол бошанду забонҳои хориҷиро аз бар намоянд ва дар пешрафту ободии ҷумҳурии соҳибистиқлоламон нақши созгор гузоранд. Дар анҷоми ҷамъомад аз тарафи Раёсати донишгоҳ Шӯро тасдиқ гардида, минбаъд фаъолияти худро тибқи дастуру супоришҳои Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебарад.

*Алишер ЯТИМОВ, хабарнигор*

*Касе, к-ӯ тарсад аз гавгои занбӯр,*
*Бубинад ангубинро, лек аз дур.*






## ШУНАВАНДАГОНИ МАРКАЗИ КАСБОМӮЗИИ ДОНИШГОҲ СОҲИБИ СЕРТИФИКАТ ШУДАНД!

Маъмурияти Муассисаи давлатии маркази таълимии касбомӯзии назди Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ноҳияи Муъминобод аз 05.12.2016 дар гурӯҳҳои синни 15-24 сола ба касби дӯзанда 23 нафар, муҳосиб бо донистани компютер 23 нафар, бофанда 20 нафар, гулдӯз 21 нафар, фурӯшанда-ташкилотчӣ ва қаннод 21 нафар, инчунин гурӯҳҳои синни 24-49 сола дар гурӯҳҳои технологияи истеҳсоли консерва 20 нафар, дӯзанда 17 нафар ва қаннод 20 нафар, гулдӯз 17 нафар фаъолиятро оғоз намуд, ки шумораи шунавандагон 203 нафарро ташкил медиҳад.

Бинобар ба анҷом расидани мӯҳлати таҳсил дар гурӯҳҳои технологияи истеҳсоли консерва, дӯзанда, қаннод ва гулдӯз, ки шумораи шунавандагон 95 нафар мебошад, таърихи 12.01.2017 дар ҳузури комиссияи аттестатсионӣ ва намояндагони барномаи VOLIP имтиҳонро бомуваффақият супориданд. Барои дастрас кардани шаҳодатномаи хатм ҳуҷҷатҳои лозима ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони барномаи VOLIP пешниҳод гардид.

Аз 17.01.2017 мувофиқи нақшаи пешниҳоднамудаи Барнома гурӯҳҳои дӯзанда аз синни 24-49 шумораи шунавандагон 17 нафар, курси баркчӣ синни 18-24 шумораи 20 нафар, муҳосиб бо донистани компютер 15 нафар фаъолиятро оғоз намуданд. Ҳоло дар муассиса шумораи шунавандагон 202 буда, шумораи омӯзгорон 16 нафарро ташкил медиҳад. Барои ташкил ва гузаронидани курсҳо дар муассиса ҳамаи шароитҳо муҳайё мебошад. Муассиса дорои сертификат ва иҷозатномаи Хадамоти давлатӣ мебошад.

***Алишер ЯТИМОВ, хабарнигор***



## ЧОРАБИНӢ ОИД БА МАВЗӮИ "ЗАН ВА ИЛМ"

Санаи 17.02.2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ вохӯрии доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бибиҳафиза Маҷидова бо занону духтарони Донишгоҳ дар мавзӯи "Зан ва илм" баргузор гардид. Омӯзгорони ин даргоҳ ва хусусан, иштирокчиён, ки занон буданд, аз фурсати дар даст доштаашон истифода намуда, дар қисмати охири вохӯрӣ ба муаллима саволҳои худро пешниҳод намуданд, ки аз тарафи муаллима ба ҳар як саволи пешниҳодшуда посухҳои саҳеҳ ва қонеъкунанда гардонида шуд.

***Алишер ЯТИМОВ, хабарнигор***

● БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШ

# АРТИШ-ПОЙДЕВОРИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Артиш такягоҳи давлат ва сипари миллат аст.***
***Эмомалӣ РАҲМОН***

Имсол 24-умин солагарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешвоз мегирем. Ҳамасола санаи 23-юми феврал ҳамчун рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ дар сартосари кишвар ҷашн гирифта мешавад. Чунки Қувваҳои мусаллаҳ амнияти давлат, сулҳу суббот ва осоиши кишварро ҳифз карда, аз рӯи иҷрои вазифааш дар байни халқ маҳбубият пайдо мекунад.

Аз қадимулайём артиш яке аз рукнҳои асосии ҳастии ҳар як давлат ба шумор мерафт. Вақте ки дар замони бостон давлатҳо ташкил мегардиданд ва ҳар амире, ки ба сари қудрат меомад бояд саранҷом се нуқтаи асосии ҷомеаро дарк карда бар камол мерасонд: васеъ намудани масоҳати давлат; сикка задани тангаҳо; ташкил ва мустаҳкамнамоии артиш.

Дар Иҷлосияи таърихии 16-ум, ки моҳи ноябри соли 1992 баргузор шуд, Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар таъсис дода шуд. Дар ин муддат Артиши миллӣ ҳаматарафа обутоб ёфта, ба сипари боэътимоди Ватан табдил ёфт. Он марзу буми Ватан ва меҳнати осоиштаи халқро зиракона ва содиқона ҳифз карда метавонад.

Пойдории ҳар як давлати мустақил ба қудрату тавоноии Неруҳои мусаллаҳаш вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, дар мамлакати мо кушиш ба харҷ дода мешавад, ки Артиши миллӣ ташаккул дода шавад, иқтидори мудофиавӣ ва тайёрии низомии кишвар баланд гардад. Вазифаи асосии Артиши миллӣ таъмини амнияти ватан, сулҳу суббот дар кишвар ва тамомияти арзии он мебошад. Эътимоди халқ бояд комил бошад, ки Артиши миллӣ ба ҳифзи Истиқлолият ва амнияти мамлакатамон пурра қодир аст.

Ҳамин буд, ки яке аз аввалин фармонҳои роҳбари навинтихоби давлати соҳибистиқлоли мо Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таъсис додани қисми ҳарбии 3571-и назди Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Бригадаи таъиноти махсус, ки қисми ҳарбии номбурда ба он тааллуқ дошт, аз лаҳзаҳои аввалин ба боварию эътимод по ба арсаи ҳастӣ гузошт ва дар озмунҳои ҳарбу зарб ғолиб омада, сазовори боварии Сарвари давлат ва роҳбарияти ҷумҳурӣ гардид.

Ҳамин буд, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фармони худ аз 17-уми январи соли 1995 Бригади таъиноти махсусро ба Гвардияи Президентӣ табдил дод. Баъ-



ди ду-се сол боз чор қисми ҳарбии Гвардия дар шаҳри Чкаловски вилояти Суғд, шаҳраки Каленини шаҳри Душанбе ва шаҳраки Обигарми ноҳияи Роғун таъсис ёфтанд. Ба дӯши афсарону сарбозони Гвардия мисли ҳайати шахсии дигар сохторҳои қудратӣ акнун масъулияти вазнини он замон - нигоҳ доштани тартиботи қонунӣ ва амин нигоҳ доштани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2004-ум таҳти рақами № 1261 Гвардияи Президентӣ ба Гвардияи миллӣ табдил дода шуд. Гвардияи миллӣ ҳамчун воҳиди мустақили ҳарбии таъиноти махсус ва бевосита тобеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ҳифз ва мудофиаи объектҳои махсусан муҳими давлатӣ, ки номгӯи онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд; дар якҷоягӣ бо вазоратҳои корҳои дохилӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани муҳофизат ва амнияти ҷойҳои баргузоршавии вохӯриҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони давлату ҳукуматҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; иҷрои вазифаҳои алоҳида оид ба ҳимояи истиқлолияти ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовуз ва ғайра мебошад.

Қисму воҳидҳои Гвардияи миллӣ дар ин давра чандин маротиба машқу таълимотҳои боодобона (тактикӣ) гузаронида, дар машқҳои муштараки фармондеҳӣ - ситодӣ, ки аз тарафи Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратии Тоҷикистон гузаронида шуданд, ширкат варзида, аз тарафи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои хуби аъло гирифтанд. Дар як муддати кӯтоҳ шароити зисту зиндагӣ, ҳолати бинову иншоотҳои дар ихтиёри Гвардияи миллӣ буда, баззаи моддию таълимӣ бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохта, таъмир ва ба истифода дода шуданд, ки ба тамоми шароитҳои замонавӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дараҷаи таъминоти пулӣ, таъминот бо амволи шайъӣ, муҳимоти ҷангӣ ва маводҳои хӯрока низ дар Гвардияи миллӣ дар сатҳи баланд нигоҳ дошта мешавад. Барои таъмини афсарону аскарони Гвардияи миллӣ бо хонаҳои истиқоматӣ ва беҳтар намудани шароити маданию маишӣ ва зисту зиндагонии он ҷо низ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд.

Имрӯз на танҳо дар назди ҳар як сарбозу афсари Гвардияи миллӣ, балки барои ҳар як фарзанди ҷавонмарди ин марзу буми муқаддас иҷрои вазифаҳои масъулиятноку пуршараф гузошта шудааст.

Мардони бонангу номус ва ватандусти Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст дарк менамоянд, ки манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастоварду арзишҳои миллии халқҳои ҷумҳурӣ асос ёфта, ба воситаи имкониятҳои иқтисодӣ, сохти сиёсӣ ва ҳарбии давлат, иқтидори маънавию ахлоқӣ ва зеҳнии ҷомеаи сермиллати Тоҷикистон таъмин карда мешавад.



***Умед АМРОЕВ,***
***ассистенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ***

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ 2017-2018 (рамз 111)

***Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қабули довталабонро барои соли таҳсили 2017 -2018 ба 10 факулта аз рӯи 48 равияҳои тахассусӣ эълон менамояд. Донишгоҳ дорои синфхона ва утоқҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои замонавӣ, пайваст ба интернети баландсуръат, толорҳои маҷлисӣ ва варзишии барҳаво, қитъаҳои таҷрибавию истеҳсолӣ ва лагери истироҳатӣ-фарогатии берунашаҳрӣ буда, ба муҳассилин мутахассисони соҳибтаҷриба, докторону профессорон ва номзадҳои илм таълим медиҳанд.***

***Ҳамчунин дар курсҳои кутоҳмуддати тайёрии донишгоҳ довталабон аз рӯи кластерҳои тахассусии аз ҷониби Маркази миллии тестӣ пешниҳодшуда омода карда мешаванд.***

***ШИТОБЕД!***
***Ихтисоси дилхоҳи худро аз рӯйхати ихтисосҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ интихоб намоед!***
***Интихоби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ равзанаи фардои дурахшони Шумо хоҳад буд.***
***Гурӯҳи ихтисосҳои 1***

### Гурӯҳи ихтисосҳои 1

| № | Ихтисосҳо | | Накшаи кабул | Шуъбаи рӯзона | | | | | | | | Шуъбаи ғоибона (фосилавӣ) шабона | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рамз | Номгӯй | | ройгон | | | пулакӣ | | | | Ҳамагӣ | ройгон | | | пулакӣ | | | | Ҳамагӣ |
| | | | | точикӣ | русӣ | Англисӣ ӯзбекӣ | точикӣ | русӣ | Англисӣ / ӯзбекӣ | Маблағ | | точикӣ | русӣ | Англисӣ ӯзбекӣ | точикӣ | русӣ | Англисӣ / ӯзбекӣ | Маблағ | |
| 1. | 1020505 | Информатика | 84 | 15 | | | 44 | | | 2000 | 59 | | | | 25 | | | 2000 | 25 |
| 2. | 1020501 | Математика | 55 | 15 | | | 20 | | | 2000 | 35 | 10 | | | 10 | | | 1500 | 20 |
| 3. | 131030302 | Математикаи амалӣ | 25 | 15 | | | 10 | | | 1500 | 25 | | | | | | | | |
| 4. | 1020602 | Технология (аз рӯи самтҳо) | 42 | 19 | | | 23 | | | 1500 | 42 | | | | | | | | |
| 5. | 102050401 | Физика. Математика | 35 | 12 | | | 23 | | | 2000 | 35 | | | | | | | | |
| 6. | 102050403 | Физика. Таълими меҳнат | 25 | 13 | | | 12 | | | 1500 | 25 | | | | | | | | |

### Гурӯҳи ихтисосҳои 2

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 125010403 | Андоз ва андозбанӣ | 24 | | | | 24 | | | 3600 | 24 | | | | | | | | |
| 2. | 125010803 | Баҳисобгирии бухгелтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ | 69 | | | | 44 | | | 3400 | 44 | | | | 25 | | | 2400 | 25 |
| 3. | 1020402 | География | 16 | 11 | | | 5 | | | 1500 | 16 | | | | | | | | |
| 4. | 1310201023 | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳат | 43 | 8 | | | 15 | | | 2000 | 23 | | | | 20 | | | 2000 | 20 |
| 5. | 126010101 | Идораи мақомоти маҳалӣ | 24 | | | | 24 | | | 3600 | 24 | | | | | | | | |
| 6. | 1250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 25 | | | | 25 | | | 3600 | 25 | | | | | | | | |
| 7. | 1250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 64 | | | | 44 | | | 3400 | 44 | | | | 20 | | | 2400 | 20 |
| 8. | 125010402 | Кори бонкӣ | 69 | | | | 69 | | | 3400 | 69 | | | | | | | | |
| 9. | 1260203 | Маркетинг | 44 | | | | 44 | | | 3000 | 44 | | | | | | | | |
| 10. | 126020206 | Менеҷменти иҷтимоӣ (маориф) | 63 | | | | 43 | | | 3000 | 43 | | | | 20 | | | 2400 | 20 |
| 11. | 1250104 | Молия ва қарз | 49 | 5 | | | 44 | | | 3000 | 49 | | | | | | | | |
| 12. | 1890101 | Сайёҳӣ ва меҳмондорӣ | 24 | 10 | | | 14 | | | 2000 | 24 | | | | | | | | |

### Гурӯҳи ихтисосҳои 3

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 103030201 | Дефектология | 12 | 12 | | | | | | | 12 | | | | | | | | |
| 2. | 1020302 | Забон ва адабиёти рус | 53 | 10 | | | 23 | | | 2000 | 33 | | | | 20 | | | 2000 | 20 |
| 3. | 102030401 | Забон ва адабиёти рус. Забон ва адабиёти тоҷик | 25 | 13 | | | 12 | | | 2000 | 25 | | | | | | | | |
| 4. | 1020301 | Забон ва адабиёти тоҷик | 82 | 13 | | | 50 | | | 2000 | 63 | | | | 19 | | | 1500 | 19 |
| 5. | 102030601 | Забони англисӣ. Забони олмонӣ | 12 | | | | 12 | | | 2520 | 12 | | | | | | | | |
| 6. | 1020306 | Забони хориҷӣ (англисӣ) | 41 | 18 | | | 23 | | | 2520 | 41 | | | | | | | | |
| 7. | 1020307 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ - хитоӣ) | 12 | | | | 12 | | | 2520 | 12 | | | | | | | | |
| 8. | 121050103 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 12 | 6 | | | 6 | | | 1620 | 12 | | | | | | | | |
| 9. | 1230111 | Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (аз рӯи самтҳо) | 25 | | | | | | | | | 10 | | | 15 | | | 1500 | 25 |
| 10. | 1030301 | Логопедия | 12 | 12 | | | | | | | 12 | | | | | | | | |
| 11. | 1030304 | Олигофренопедагогика | 12 | 12 | | | | | | | 12 | | | | | | | | |
| 12. | 1230108 | Рӯзноманигорӣ | 18 | 3 | | | 15 | | | 2000 | 18 | | | | | | | | |
| 13. | 1030302 | Сурдопедагогика | 12 | 12 | | | | | | | 12 | | | | | | | | |
| 14. | 1010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 58 | 15 | | | 23 | | | 1500 | 38 | | | | 20 | | | 1500 | 20 |
| 15. | 1010202 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Ихтисоси иловагӣ | 64 | 15 | | | 29 | | | 1500 | 44 | | | | 20 | | | 1500 | 20 |
| 16. | 101020203 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | 24 | 13 | | | 11 | | | 1500 | 24 | | | | | | | | |
| 17. | 1010102 | Таҳсилоти томактабӣ. Ихтисоси иловагӣ | 72 | 22 | | | 25 | | | 1500 | 47 | 15 | | | 10 | | | 1500 | 25 |
| 18. | 1030403 | Равоншиносии амалӣ | 24 | 10 | | | 14 | | | 1500 | 24 | | | | | | | | |

### Гурӯҳи ихтисосҳои 4

| № | Ихтисосҳо | | Накшаи кабул | Шуъбаи рӯзона | | | | | | | | Шуъбаи ғоибона (фосилавӣ) / шабона | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рамз | Номгӯй | | ройгон | | | пулакӣ | | | | Ҳамагӣ | ройгон | | | пулакӣ | | | | Ҳамагӣ |
| | | | | точикӣ | русӣ | Англисӣ ӯзбекӣ | точикӣ | русӣ | Англисӣ/ ӯзбекӣ | Маблағ | | точикӣ | русӣ | Англисӣ / ӯзбекӣ | точикӣ | русӣ | Англисӣ/ ӯзбекӣ | Маблағ | |
| 1. | 1020111 | Таърих | 48 | 13 | | | 10 | | | 1500 | 23 | | | | 25 | | | 1500 | 25 |
| 2. | 1020102 | Таърих. Ҳуқуқ | 69 | 5 | | | 39 | | | 2400 | 44 | | | | 25 | | | 2400 | 25 |
| 3. | 1030101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 25 | 5 | | | 20 | | | 3000 | 25 | | | | | | | | |

### Гурӯҳи ихтисосҳои 5

| № | Ихтисосҳо | | Накшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | | | | | | Шуъбаи ғоибона (фосилавӣ) / шабона | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рамз | Номгӯй | | ройгон | | | пулакӣ | | | | Ҳамагӣ | ройгон | | | пулакӣ | | | | Ҳамагӣ |
| | | | | точикӣ | русӣ | Англисӣ ӯзбекӣ | точикӣ | русӣ | Англисӣ/ ӯзбекӣ | Маблағ | | точикӣ | русӣ | Англисӣ / ӯзбекӣ | точикӣ | русӣ | Англисӣ/ ӯзбекӣ | Маблағ | |
| 1. | 131010103 | Биология (биотехнология) | 25 | 15 | | | 10 | | | 2000 | 25 | | | | | | | | |
| 2. | 1020404 | Биология. Экология | 48 | 25 | | | 23 | | | 2000 | 48 | | | | | | | | |
| 3. | 102040601 | Химия. Биология | 59 | 23 | | | 23 | | | 2000 | 46 | 8 | | | 5 | | | 2000 | 13 |
| 4. | 1020406 | Химия. Экология | 62 | 18 | | | 24 | | | 2000 | 42 | 10 | | | 10 | | | 2000 | 20 |
| 5. | 1030201 | Тарбияи ҷисмонӣ | 39 | 10 | | | 15 | | | 2000 | 25 | | | | 14 | | | 2000 | 14 |
| 6. | 1030202 | Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ | 63 | 14 | | | 29 | | | 2000 | 43 | | | | 20 | | | 2000 | 20 |

**Рӯйхати ихтисосҳои дорои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус**
**Вобаста ба гурӯҳи ихтисосҳо дар муассисаи таълимӣ ва номгӯйи имтиҳонҳо**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 101020203 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | А) Иҷрои асарҳои бастакорон бо ҳамовозии фортепиано Б) Сароидан ва ё навохтани суруд ва оҳангҳои халқи ва ғайра | А) Шунавоии гармоникӣ ва мелодикӣ, дарки мусиқӣ (зарб, хотира, ҷуркунии овоз) Б) Дарки мусиқӣ (зарб, хотира, ҷуркунии овоз) ва ғайра | | |
| 2 | 1030201 | Тарбияи ҷисмонӣ | Варзиши сабук | Гимнастика | Шиноварӣ | |
| 3 | 1030202 | Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ | Варзиши сабук | Гимнастика | Шиноварӣ | |









*Чароғи ҳидоят ба дилҳои кӯр,*
*Бувад киштани дона дар хоки шӯр.*



*Абдулло ҲАБИБУЛЛО,*
*ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ,*
*Сайвалӣ ГАДОЕВ,*
*устоди ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# МАРД НАМИРАД БА МАРГ...

*Дар замири мо намегунҷад*
*ба ғайр аз дӯст кас,*
*Ҳарду оламро ба душман деҳ,*
*ки моро дӯст бас.*

Ҳар як шахс дар зиндагӣ ва ё баъд аз марг ба андозаи ақлу хирад, фазилату дониш, бузургиву хирадмандӣ мақому манзалатро соҳиб мегардад ва дар хотираи дигарон ба ҳамин андоза нақш мебандад. Одамони зиёде дар ин олам умр ба сар мебаранд, ки то дами марг касе онҳоро намешносад ва мардум ҳам аз онҳо ҳеҷ нафъе намебинад, аммо дар қатори ин инсонҳои бузург низ ҳастанд, ки мутаассифона, онҳо ангуштшуморанд.

Яке аз чунин шахсиятҳо математики намоёни тоҷик, Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Сафаров Ҷумъахон Холович мебошад.

Олими намоёни тоҷик, устод ва дӯсти азизу муҳтарами мо Ҷумъахон Сафаров рӯзи 01.01.2017 дар сини 73 - солагӣ аз олам даргузашт ва дар дили дӯстону пайвандон доғу дард гузошт. Дар ин рӯзҳои душвор, ки андуҳи мо гарон аст, барои тасаллои худ ва дӯстони бешумори устод баъзе лаҳзаҳои ҳаёти пуршарафи ӯро ба ёд меорем.



Сафаров Ҷумъахон 20 январи соли 1944 дар деҳаи Сафедбанди шӯрои қишлоқи Кундошаҳри ноҳияи Муъминобод таваллуд шудааст. Дар аввали солҳои 50-уми асри гузашта аҳли оила ба ноҳияи Восеъ кӯчида меояд ва он ҷо олими оянда мактаби миёнаро бо медали тилло хатм мекунад. Ин ибтидои бахайр буд, ки роҳи ӯро ба факултаи механикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) кушод.

Ӯ дар мактаби миёнаи № 20 ноҳияи Восеъ (1951-1958) таҳсил намуда, пасон мактаби миёнаи ба номи Куйбишеви ноҳияи Восеъро (1958-1961) хатм намудааст.

Қобилияти худодод, меҳру муҳаббат ба илм ва саъю талоши пайвастаи Ҷумъахон Сафаровро ба фатҳи қуллаи умедҳо ҳидоят намуд. Солҳои 1962-1967 дар факултаи механикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро (ҳоло ДМТ) таҳсил кард.

Ҷумъахон Сафаров аз ибтидо роҳи илмро интихоб кард. Солҳои 1967-1968 лаборанти калони сектори барномасозии Пажӯҳишгоҳи физикаю техникаи АУ ҶТ кор кардааст. Баъди ин, солҳои 1968-1969 ходими хурди илмии сектори "Муодилаҳои диференсиалӣ"-и Пажӯҳишгоҳи физикаю техникии АУ ҶТ кор мекунад. Барои мо ин ҳам боиси ифтихор аст, ки дар камолоти илмӣ ва инсонии Сафаров Ҷумъахон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб саҳми муҳим ва ҳалкунанда доштааст.

Аз августи соли 1969 то ноябри соли 1971 ба ҳайси муаллими калони кафедраи математикаи олӣ ва ҳисоббарории Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) адои вазифа намудааст.

Ӯ аз ҳамин ҷо соли 1971 ба аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1979 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Масъалаҳои канорӣ барои системаҳои муодилаҳои намуди таркибӣ дар соҳаҳои ҳамвор ва фазоӣ" дар Институти математикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон дифоъ намуд.

Сафаров Ҷумъахон ба Кӯлоб баргашт, аз моҳи ноябри соли 1975 то сентябри соли 1981 ба ҳайси мудири кафедраи математикаи олӣ ва ҳисоббарории Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб фаъолият намудааст. Солҳои 1981-1991 мудири кафедраи таҳлили математикиро ба уҳда дошт.

Солҳои 1991-1997 декани факултаи математикаи ҳамин донишкада буд.

Бо тақозои ҳаёт Сафаров Ҷумъахон ба шаҳри Душанбе рафт ва он ҷо то охири умр зиндагӣ ихтиёр кард. Ӯ солҳои 1997-2001 муовини ректор оид ба илми Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ буд ва дар як вақт вазифаи мудири кафедраи математика ва информатикаи ин донишкадаро низ иҷро мекард. Аз феврали соли 2001 то январи соли 2006 муовини аввали ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, солҳои 1999-2002 раиси сексияи математикаи комиссияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чопи васоит ва китобҳои таълимӣ, солҳои 2001-2007 аъзои Кумитаи Ҷоизаи давлатии Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техникаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2002-2005 аъзои Шӯрои дисертатсионии Пажӯҳишгоҳи математикаи АУ ҶТ оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ, аъзои Шӯрои илмии методии Асотсиатсияи Донишгоҳҳои Аврупо ва Осиё, солҳои 2003-2007 Раиси Шӯрои дисертатсионии ДДМТ оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ буд ва баъдан вазифаи мудири кафедраи математикаи олии донишгоҳро ба уҳда дошт.

Ҷумъахон Сафаров яке аз муҳаққиқони маъруфи методҳои дақиқи системаи муодилаҳои ғайриклассикӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ба шумор рафта, намояндаи мактаби математики намоёни тоҷик академик А. Ҷӯраев гардид. Бо роҳнамоиву ҳидояти академик А. Ҷӯраев ва профессор А. Янушаускас олими литовӣ ба таҳлилу тадқиқи амиқу густурдаи масъалаи муҳими риёзӣ-системаҳои муодилаҳои ғайриклассикии бисёрченака машғул шуд ва дар ҷараёни фаъолият дастовардҳояш дар маҷаллаву маҷмӯаҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла "Доклады АН СССР", "Дифференциальные уравнения", "Труды Института математики СОАН СССР", "Труды Института математики ЛитАН", "Доклады АН Таджикской ССР" ва маҷаллаҳои хориҷӣ ба нашр расиданд.

Ҷумъахон Сафаров математики пурмаҳсул буд. Ӯро аз рӯи корҳои илмию тадқиқотиаш нафақат дар ҷумҳурӣ, инчунин берун аз ҳудуди мамлакат хуб мешинохтанд. Мавсуф муаллифи зиёда аз 130 номгӯи асару мақолаҳои илмӣ - методӣ мебошад. Мақолаҳои илмии устод дар Россия, ИМА, Олмон, Ингилистон, Ҷопон, Норвегия ва ғайра нашр гардидааст. Профессор Ҷ.Х. Сафаров дар чандин Конгрессҳои байналхалқии математикони ҷаҳон иштирок ва маърӯза кардааст. Барои корҳои илмиаш бо мукофоти (гранти) Академияи илмҳои шоҳии Шветсия (Королевская Академия наук Швеции) (2001) сарфароз гардида буд.

Профессор Ҷ.Х. Сафаров дар баробари муваффақиятҳои баланди илмӣ-методӣ ташкилотчии намоёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ буд. Дар кори рушди таълиму тарбия, илму маърифат, маърифатнокии шогирдон саҳми арзанда дорад.

Устод табиатан шахси хоксор, меҳрубон, масъул ва ҷиддӣ буд ва аз зумраи он шахсиятҳое буд, ки бо мурури замону гузашти айём ҳамчун симои беназири олами илм ва маориф дар сафи маърufону маҳбубон шинохтаву қадр шудааст.

Ба ӯ ҷасорати илмӣ хос буд. Ба ноороmиҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, дар яке аз марказҳои бузурги илмии собиқ СССР - шаҳри Новосибирск соли 1996 рисолаи докториро ҳимоя намуд. Соли 1999 бо қарори Вазорати таҳсилоти умумӣ ва касбии Федератсияи Россия сазовори унвони профессор мегардад.

Ҳар гоҳ, ки сухан аз ҷавонмардӣ ва ёру бародарӣ меравад, пеши назар симои дӯсту бародар, инсони ҳалиму хоксор Ҷумъахон Сафаров меояд. Дар шахсияти ин марди шариф одамгарӣ, қадрдонӣ, масъулиятшиносӣ, накӯкорӣ ва меҳанпарастиро мебинем. Ӯ намоишкориву зоҳирпарастиро намеписандид. Пайваста ба ҳамкорон таъкид мекард, ки ҳалиму хоксор бошанд ва одаму одамгариро фаромӯш насозанд.

Устод аз дӯстдорон ва ташвиққунандагони илм буданд, ба тарбияи олимони ҷавон диққати калон медод. Ба хотир мерасад, ки бо дастгирӣ ва ёрии бевоситаи ин марди шариф шогирдони ӯ Қурбоналӣ Саидов, Қурбоналӣ Салимов, Файзулло Шамсиддинов, Ҳаитбой Шукуров ва дигарон соҳиби дараҷаву унвонҳои илмӣ гардидаанд ва ҳар яке имрӯз устод шудаанд.

Самараи заҳматҳои тӯлонии устод Ҷумъахон Сафаров дар симои шогирдонаш, ки дар вазоратҳову мақомоти давлатӣ, муассисаҳои гуногуни таълимиву фарҳангии ҷумҳурӣ кору фаъолият доранд, дар осори илмӣ, китобҳои дарсиву васоити таълимӣ ва мақолаҳои сершуморашон инъикос ёфтаанд. Ин шахси наҷиб барои хизматҳову заҳматҳои дар роҳи пуршебу фарози илм бо унвонҳои "Аълочии мактабҳои олии ИҶШС" (1986), "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2002) ва Корманди шоистаи Тоҷикистон (2002) қадрдонӣ шудааст.

Ӯ дар дили мо чун шахси хоксору меҳрубон, поктинат, фидокор, ростқавлу ташаббускор, дорои хиради баланд ва донишманди варзида маскан дорад.

Ҷумъахон Сафаров зодаи кӯҳистон буд ва бо талошҳои зиёд ба қуллаҳои баланди эҷод расид ва маҳбуби шогирдону ҷомеа гардида, аз худ хотираҳои нек дар ёди дӯстон ва шогирдон боқӣ гузошт. Мо дӯстон ва шогирдони профессор Сафаров Ҷумъахон аз он ифтихор дорем, ки пайрав ва давомдиҳандаи кори ӯ ҳастем.

Имрӯз ӯ дигар дар миёни мо нест, аммо амалу хотирот ва рафтори намунавии ӯ ҳамеша бо мост. Номи ӯ ҳаргиз аз хотираҳо зудуда намешавад, зеро ба мисли мо ҳазорон шогирд тарбия намудааст, ки ҳамеша аз ӯ ба некӣ ёд мекунем ва амалҳои намунавии ӯро ба насли наврас ташвиқу тарғиб менамоем. Номи ин марди зиндаёд ҳамеша вирди забонҳост. Ва ба ин маънӣ шоир хуб фармуда:

*Мард намирад ба марг,*
*марг аз ӯ номҷӯст,*
*Ном чу ҷовид шуд,*
*мурданаш осон куҷост?*

Рӯҳат шод, хонаи охиратат обод бод, устоди азиз!

*Наҳанге шав, ки бо дарё кунад зӯр,*
*Кунад зеру забар дарё ба шӯр.*

Анвори дониш
№21 (250) 28 феврали соли 2017

# 23-ЮМИ ФЕВРАЛ: ТУҲФАИ БЕНИШОН...

Ҳар сол 23-юми февралро дар саросари кишвар ҳамчун рӯзи Артиши миллӣ ҷашн мегиранд. Дар ин рӯз бонувон ба мардон тӯҳфаҳо ҳадя мекунанд. Банда низ ҳар сол интизор мешудам, ки кай ин рӯз меояд ва ба падарам туҳфа диҳам. Ин ба ман одат шуда буд. Мутаассифона, имрӯз дар назди дӯкони бозори шаҳр ёди он рӯзҳо ва солҳои гузаштаро карда истодаам. Аз ин дӯкон барои падари азизам тӯҳфа харида, ба ӯ тақдим мекардам. Падарам бошад, бо як меҳри гарми падаронааш маро ба оғӯшаш мегирифт ва навозишам мекард. Имсол бошад, ман як туҳфае бо меҳру муҳаббати беандоза гирифта ба хона рафтам. Ба ҳар тараф, ки менигаристам, падарамро намедидам. Фикр мекардам, ки падарам дар кӯҷо бошад, ки туҳфаамро ба ӯ ҳадя кунам, аммо ӯ аз ҷое намоён нашуд. Гуфтам: падар! падарҷон! Вале оромӣ саросари хонаро фаро гирифта буд. Надонистам, ки ин тӯҳфаро ба ки ҳадя кунам, чунки падарам аз олам гузашта буд. Ин одатам маро боз гирён кард, оби дида дар бари рӯй, дили пур аз ғам, дасту поям шикаста буд ва надонистам, ки чи гуна ба хона дароям. Бо дили пур аз ғам ба хона ворид шуда, акси падарро дар оғӯш гирифта, армон шикастам. Вақте ки волидайн аз олам чашм мепӯшанд, ба фарзандон аз худ чизе ба монанди пулу мол мерос мемонад, аммо барои ман меҳр, муҳаббат, навозиши падар, он табассумҳои ширин, чеҳраи ба офтоб монанд ва оғӯши гарми чун офтоб ва ғамхории бендозае дар ин қалби озурдаам мерос мондааст.




Падарҷон! Намедонам ту аз ман розӣ ҳастӣ ё не, вале бо ту зиндагӣ кардан бароям ифтихор буд. Падарҷон, ончунон пазмонат шудаам, ки ҳеҷ ногуфтанӣ. Суханони ширину гармат ҳамеша ҳамроҳам ҳаст. Мехоҳам ба оғӯшат гираму армон шиканам, вале афсус...

Падарҷон! Имрӯз дар ҳаққат як каф дуо мекунам. Ёди рӯят мекунаму ҷон дар тан месӯзад. Аз фироқи меҳри гармат нола аз ҷон мекунам. Гулҳоро мебӯям, лек аз шаҳди гулҳо буйи хуши падарро намеёбам. Оҳ, падар, бӯи ту хуштар аз гул будааст. Инро кунун дарк кардам. Ёд кардам, ёд кардам, падарҷон! Дар куҷоӣ падари муштипарам? Рӯзи равшанам бе ту чун шаби торик шуд.

Дар охир ба ҳамагон гуфтаниам, ки ҳеҷ гоҳ нагузоред, ки дар ин дунё падарон ғам хӯранд. Қадри падарро аз шахси бепадар бипурс. Чун дар барат ҳаст дарк намекунӣ, вақте ки рафт, баъд мефаҳмӣ, ки падар болу паре будааст бароят, ки ту бо он парвоз мекардӣ. Ҳамаи падаронро бо ин рӯз табрик гуфта, барояшон сарсабзӣ ва сарбаландиро дар зиндагиашон орзу дорам ва хоҳони онам, ки ҳама вақт дар сари фарзандонашон шукуфон бошанд.

Барои падари азизам гуфтаниям, ки рӯҳат шод, хонаи охиратат обод бод! Бо эҳтироми беандоза Гулнораи ту.



*Гулнора ГУЛМАДОВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи руси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ДОНИШҶӮ ГУРЕЗ, КИ ҶӮГӢ МЕОЯД!

Дар давоми чор соли таҳсилам мебинам, ки мушкилоти шаҳри Кӯлоб рӯз аз рӯз ҳал шуда истодаанд, аммо масъалаи кӯдакони талбандаи ҷӯгӣ дар ҷонам задааст. Онҳо дар ҳама ҷойҳои шаҳр ва хусусан донишгоҳ ба чашм мерасанд. Ҳатто агар онҳоро монеа нашаванд, ба ҳар кор даст задаанашон имкон дорад. Масалан, як рӯз шоҳиди ҳол будам, ки кӯдакони талбандаи ҷӯгӣ думболи ҳар як донишҷӯ шуда қариб то дохили факултаҳо мерафтанд ва он донишҷӯро ба ҷонаш расонида, ҷайби холиашро канда мегирифтанд. Рӯзе аз шахраки донишҷӯён ба тарафи бинои маъмурии донишгоҳ равон будам, ки ду кӯдаки ҷӯгӣ аз ду пахлуи ман рост шуда, аз пойҳоям сахт доштанд ва маро роҳ рафтан намемонданд. Бадбахтона, ба ғайр аз роҳкирое, ки бояд то хонаи иҷораам мерафтам, дигар маблағ надоштам ва ноилоҷ роҳкироямро ба онҳо дода раҳо шудам. Онҳо ин қадар хислати бад доранд, ки агар касеро шинохта кунанд, ҳар рӯзи дигар думболи он кас мегарданд. Рӯзе нест, ки аз ин кӯдакони талбандаи ҷӯгӣ мардум шикоят накунанд. Хусусан худам ҳар гоҳе ки ба донишгоҳ равон мешавам, ғамам мегирад, чунки агар якду сомонӣ надошта бошӣ, аз пеши бозори калон ё аз боғи фарҳангу фароғатии Ҳамадонӣ гузашта наметавонӣ. Гӯё аз санҷишу имтиҳонҳо ҳам гузаштан аз "рейд"-и ҷугиҳо мушкилтар бошад.



Аввалҳо мо на онқадар ба онҳо аҳамият медодем, вале коре, ки онҳо ба дӯсти ман карданд, мо онҳоро ҷугӣ не, офат ном мебарем. Дӯстам чунин қисса кард, ки рӯзе кӯдакони талбандаи ҷӯгӣ маро дар назди қалъа думболагир шуданду пул талабиданд. Ба ростӣ ман ҳатто роҳкиро надоштам. Ҳарчанд аз пасам меомаданд, ба онҳо аҳамият надодам. Ҳамин тавр, ба дарс танҳо 10 дақиқа монда буд. Онҳо чи кор карданашонро надонистанд ва аз қаҳру ғазаб сангеро гирифтанду ба тамоми қувваташон ба сӯи ман партофтанду гурехтанд. Вақте санг ба поям зад, хаёл кардам, ки устухони поям шикаст. Хулоса, ман он рӯз аз дарсҳоям аз пушти ин ҷугиҳо дер мондам. Онҳо натанҳо ин амалро нисбати ман кардаанд, балки ба тамоми шаҳрвандон чунин муомиларо мекунанд.

Аз рӯзе ки ин ҳодиса ба дӯстам рух дод, ҳам тарсон шудаму ҳам бе пул намегардам. Аммо ба фикрам ин амали ҷӯгиҳо барояшон самараи хуб дод, чунки ҳар гоҳе ки аз мо пул талаб кунанд, бе ягон монеа мегиранд. Наход ягон илоҷе набошаду сари роҳи онҳоро гирифта нашавад? Ман боварии комил дорам, ки ин мушкилоти ҷомеа низ ҳалли худро меёбад.



*Зафархони МИРАЛӢ,*
*магистранти соли 1-уми шуъбаи муносибатҳои байналхалқии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# БРАВО УЧИТЕЛЬНИЦА!

***Ваш скромный труд цены не знает.***
***Ни с чем он не сравним!***
***И все с любовью величают***
***Вас именем простым-***
***Учитель. Кто же его не знает,***
***Простое имя это,***
***Что светом знаний озаряет***
***Живую всю планету!***
***Мы в вас берем свое начало,***
***Вы - нашей жизни цвет.***
***И пусть года, как свечи тают,***
***Нам не забыть Вас, нет.***

Учитель. Слово "учитель", как и все слова, многозначно и многослойно. Буду вкладывать в слово "учитель" высокий смысл. Сколько учителей знаю я, начиная со школы до университета, все они хорошие, добрые и умные. Но хочу рассказывать, о своей любимой преподавательнице Шарифходжаевой Саодат, которая работает деканом факультета иностранного языка в Кулябском государственном университете имени А. Рудаки.

Она является нашим деканом и преподавателем. В своей работе она очень строгая, требовательная, душевная и отзывчивая. Шарифходжаева является примером сегодняшней молодежки. Она эстетичная, красивая и умная. Её уважают все, характер у неё хорошая.

Многие хотели бы стать, как она и выбрали её как своего идеала. Шарифходжаева психолог и хороший педагог, помогает всем и дает полезные советы. Я её люблю, ценю и уважаю она сама совершенность. В будущем хотелось бы стать ответственным умным и хорошим преподавателем как она. Хочу сказать Вам Шарифходжаева:

Вы не только замечательный педагог, но и невероятно добрый, терпеливый и бесконечно интересный человек! Я искренне восхищаюсь Вами. Нам очень повезло, что по нелегкой дороге образования, нас ведет такая замечательная преподавательница. Спасибо Вам за все!!!



*Мартаба МИРМАДОВА,*
*магистранти соли 2-юми факултаи филологияи хориҷии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# МУЪҶИЗАИ РАҚАМҲО ДАР ҚУРЪОН



*Ҷумъахон АЛИМӢ,*
*профессор, мудири*
*кафедраи журналистикаи*
*ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*



Калимаи "рӯз" дар Қуръони Карим баробар ба рӯзҳои сол, яъне 365 маротиба истифода шудааст. Калимаи "рӯзҳо" дар шумораи ҷамъ - 30 маротиба омадааст, ки баробар ба 30 рӯзи як моҳ аст.

Калимаи "моҳ" низ 12 маротиба омадааст, ки баробар ба 12 моҳ дар як сол мебошад.

Калимаҳои "мард" ва "зан" 23 маротибагӣ истифода шудаанд, ки ҷамъан 46 маротибаро фаро мегиранд ва теъдоди ҷуфти хромосомаҳо низ дар геномаи (ҷавҳари) инсон низ ба ин рақам мутобиқат мекунад.

Калимаҳои "хушкӣ" ва "баҳр" бо теъдоди гуногун омадаанд, аммо рақамҳо рамзноканд.

Хушкӣ - 13 маротиба 13/45=28,88888889%

Баҳр - 32 маротиба 32/45=71,11111111%

Ҳамагӣ - 45 маротиба 100%

Аз фанни "Ҷуғрофия" низ маълум аст, ки таносуби хушкию баҳрҳо низ дар Сайёраи Замин чунин аст.

Шумораи такрори калимаҳои "растанӣ" ва "дарахт" низ баробар аст, яъне 26 маротиба.

Растанӣ- 26 маротиба

Дарахт- 26 маротиба

Дар мавриде ки калимаи "ҷазо" 117 маротиба зикр мешавад, калимаи "бахшидан" (шафқат), ки яке аз усулҳои асосии Қуръони Карим мебошад, мушаххасан 2 маротиба зиёдтар, яъне 234 маротиба омадааст.

Ҷазо - 117 маротиба

Бахшидан- 234 маротиба

Зимни ҳисобу китоби калимаи "Бигӯй!" натиҷа 332 ба даст меояд. Калимаи "гуфтанд!" низ мушаххасан 332 маротиба омадааст.

Бигӯй - 332 маротиба

Гуфтанд- 332 маротиба

Шумораи такрори калимаҳои "ҳаёти заминӣ" ва "ҳаёти дигар, абадӣ" баробар, яъне 115-ро ташкил мекунад.

Ҳаёти заминӣ- 115 маротиба

Ҳаёти дигар, абадӣ- 115 абадӣ

Калимаи "шайтон" дар Қуръони Карим 88 маротиба истифода гаштааст. Калимаи "фаришта" ҳамчунин 88 маротиба омадааст.

Шайтон- 88 маротиба

Фаришта- 88 маротиба

Калимаи "имон" (бидуни таркиби ибораҳо) дар Қуръони Карим 25 маротиба омадааст, калимаи "беимонӣ" (кофир, нохудоӣ) низ мушаххасан 25 маротиба такрор шудааст.

Имон- 25 маротиба

Беимонӣ- 25 маротиба

Калимаҳои "ҷаннат" ва "ҷаҳаннам" низ баробар, яъне 77 маротиба такрор шудаанд.

Ҷаннат 77 маротиба

Ҷаҳаннам- 77 маротиба

Калимаи "қурбонӣ" (закот) 32 маротиба ва калимаи "баракат" ("накукорӣ") ҳам 32 маротиба омадаанд.

Закот- 32 маротиба

Баракат- 32 маротиба

Калимаи "аброр" (хубиҳо, ростиҳо) 6 маротиба такрор шудааст, калимаи "фуҷҷор" (аблаҳиҳо) 3 маротиба, яъне 2 баробар камтар омадааст.

Аброр- 6 маротиба

Фуҷҷор- 3 маротиба

Калимаи "тобистон-гармӣ" ва ҳамчунин калимаи "зимистон-сардӣ" мушаххасан баробар, яъне 5 маротибагӣ истифода шудаанд.

Тобистон+гармӣ- 1 + 4 = 5 маротиба

Зимистон+сардӣ- 1 + 4 = 5 маротиба

Калимаи "шароб" (май, хамр) ва "мастшавӣ" (сакара) низ мушаххасан 6 маротибагӣ омадаанд.

Шароб (май)- 6 маротиба

Мастӣ (май, сакара)- 6 маротиба

Калимаҳои "ҳушёршавӣ" ва "бедоршавӣ" низ баробар, яъне 49 маротиба омадаанд.

Ҳушёршавӣ- 49 маротиба

Бедоршавӣ- 49 маротиба

Калимаҳои "нутқ (сухан) ва "ташвиқот" мушаххасан баробар, яъне 25 маротибагӣ омадаанд.

Нутқ (сухан)- 25 маротиба

Ташвиқот- 25 маротиба

Калимаи "манфиат" ва калимаи "зарар" (нақз) баробар, яъне 50 маротибагӣ истифода шудаанд.

Манфиат- 50 маротиба

Зарар (нақз)- 50 маротиба

Теъдоди такрори калимаҳои "аъмол" ва "подош" (муҷозот") низ баробар, яъне 107 маротибагӣ мебошанд.

Аъмол- 107 маротиба

Подош (муҷозот) 107 маротиба

Калимаҳои "муҳаббат" ва "итоат" низ баробар 83 маротибагӣ омадаанд.

Муҳаббат - 83 маротиба

Итоат- 83 маротиба

Калимаҳои "бозгашт" ва "беохир" ҳам баробар - 28 маротибагӣ омадаанд.

Бозгашт- 28 маротиба

Беохир- 28 маротиба

Калимаҳои "офат" (мусибат) ва "сипос" ("шукргузорӣ") низ 75 маротибагӣ омадаанд.

Офат (мусибат)_ 75 маротиба

Сипос (шукргузорӣ) - 75 маротиба

Калимаҳои "офтоб" (шамс) ва "равшанӣ" (нур) баробар 33 маротибагӣ такрор шудаанд. (Зимни ҳисобу китоб дигар вижагиҳои забонии мафҳуми "нур" ба эътибор гирифта шудааст).

Офтоб (шамс)- 33 маротиба

Равшанӣ (нур) 33 маротиба

Ифодаи "Ба роҳи рост ҳидоятгар" (Ал-Ҳудо) ва калимаи "меҳрубонӣ" (раҳмат) баробар 79 маротибагӣ омадаанд.

Ал-Ҳудо - 79 маротиба

Меҳрубонӣ (раҳмат) - 79 маротиба

Калимаи "оромӣ" (осоиш) баробар бо калимаи "азият" (машаққат") 13 маротибагӣ омадаанд.

Оромӣ (осоиш) - 13 маротиба

Азият (машаққат) - 13 маротиба

Калимаҳои "мард" ва "зан" низ мушаххасан баробар, яъне 23 маротибагӣ такрор шудаанд.

Шигифтангез аст, ки теъдоди такрори калимаҳои "мард" ва "зан" баробар ба теъдоди хромосомаҳое мебошад, ки зимни ташаккули ҷанини инсон иштирок мекунанд ва ба организми зан-модар тавассути тухмаи (нутфаи) мард расонида мешаванд. Теъдоди хромосомаҳое, ки дар ташаккули тифли ояндa ширкат мекунанд, дар навбати худ 46 аст, яъне 23 хромосомаи мард-падар ва 23 хромосомаи зан-модар.

Мард- 23 маротиба

Зан- 23 маротиба

Калимаи "хиёнат" ва "пастфитратӣ" баробар, яъне 16 маротибагӣ такрор мешаванд.

Хиёнат- 16 маротиба

Зиштӣ (палидӣ) - 16 маротиба.

# ОБ - ГАВҲАРИ ҚИМАТ

*Об бошад гавҳари*
*қиматтар аз лаълу гуҳар,*
*Покии ҳар қатраи он*
*покии хайрулбашар.*

Мо одамизод дар ин дунёи бекарон ба ҳодисаҳои даҳшатборе рӯ ба рӯ мешавем, ки ин боиси мушкилиҳои зиёд сабаб мешавад. Ва барои аз ин варта халос шудан роҳҳо ҷустуҷӯ менамоем, ки зиндагии худ ва дигаронро осон намоем. Хоҳ ин ҳодиса чӣ аз дасти худи инсон бошад, хоҳ аз ҷониби табиат бар зидди он мубориза мебарем.

Имрӯзҳо мардуми сайёраи Заминро мушкилиҳои зиёде таҳдид мекунад, ки ин боиси аз байн рафтани миллатҳо ва халқиятҳои олам гардида истодааст. Мушкилиҳое, ки замони муосирро такон дода истодаанд, ин ҳам бошад паҳн шудани гурӯҳҳои ифротгароӣ дар мамлакатҳои Осиёву Африқо, терроризми байналмилалӣ, ифлосшавии табиат аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодиёт пешрафта, афзоиши аҳолии сайёра, об шудани пиряххо дар қутби шимол ва норасоии оби нушокӣ мебошад. Агар ба таърихи инсоният назар афканем, мебинем, ки сол аз сол шумораи аҳолии сайёра рӯ ба афзоиш дорад.

Яке аз мушкилиҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ин нарасидани оби нушокӣ дар кураи замин гардидааст, ки ин сабабҳои хоси худро дорад. Аз ҷумла зиёд шудани аҳолии кураи замин ва гарм шудани сайёраҳои системаи офтобӣ, ки ин ба об шудани пиряххои қутби шимол аз солҳои 50 - уми асри гузашта ва ин боиси он мешавад, ки талаботи мардум нисбат ба об рӯз аз рӯз бештар гардида, дар соли 2050 аз рӯи таҳлилҳо 50% аҳолии замин ба набудани оби нӯшокӣ танқисӣ кашида, одамони зиёд аз нарасидани оби тоза ҷони худро аз даст медиҳанд. Ҳолати нарасидани оби ошомиданӣ ба паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ сабаб мегардад.



Дар ин маврид дар яке аз суханрониҳояш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтааст, ки: "ягон кишвар ба танҳоӣ аз ӯҳдаи масъалаҳои глобалӣ баромада наметавонад". Дар ин хусус Сарвари давлати мо аз минбарҳои минтақавию ҷаҳонӣ баромад карда, барои ҳалли ин мушкилиҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва аз байн бурдани онҳо давлатҳои созмонҳои бонуфузи ҷаҳониро зидди чунин мушкилиҳои ҷаҳони муосир даъват мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояш доир ба масъалаи об чор маротиба пешниҳод кард, ки боиси қабули давлатҳо ва созмонҳои умумиҷаҳонӣ гардид. Пешвои миллат дар яке аз баромадҳояш дар Ҷумҳурии Карея (2016) пешниҳод намуд, ки даҳсолаи чорум таҳти унвони "Об манбаи рушди устувор соли 2018 - 2028" қабул карда шавад ва ин аз ҷониби созмони умумиҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид ва 170 давлати дунё хуш қабул карда шуд.

Сарвари давлат дар Паёми имсолааш ин рӯйдодро ба мардуми тоҷик муборакбод намуда, иброз кард, ки ин ҳодиса барои мустаҳкам гардидани сиёсати давлатӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми устуворро соҳиб гардид ва иброз намуд, ки дар як қисм аз давлатҳои қитъаи Африқо аз нарасидани оби нӯшокӣ азият кашида, мардумони зиёде вафот мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои об дар минтақа ҷои якум ва дар ҷаҳон ҷои ҳаштумро ишғол менамояд.

Пас, мо мардуми тоҷикро мебояд дар пайравии Сарвари давлати худ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва ташаббускор масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ бошем ва дар ин самт барои сарсабзу хуррам гардонидани меҳани хеш ва оқилона истифода бурдани об кӯшиш ба харҷ диҳем.



*Назиров МАДАЛӢ,*
*ассистенти кафедраи*
*фалсафаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

*Гар шаб набувад сиёҳу дайҷур,*
*Дар хона чароғ кай диҳад нур?*

Анвори дониш
№21 (250) 28 феврали соли 2017

# СУХАНИ РАВШАНФИКРОН ТО ЧӢ АНДОЗА ТАЪСИРГУЗОР АСТ?

*Дар ҳама миллатҳо гурӯҳе аз мардум бо фарқият аз дониш, илм, идрок ва заковату тафаккури густурда ҷомеаро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд. Пешиниёни мо ба монанди Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Румӣ, Саъдию Ҳофиз ва дигарон тавассути андешаҳои бикр тавонистанд, ки ба ҷомеа таъсир расонанд ва таҳаввулотеро дар ҷомеа ба миён оранд. Ин гурӯҳро имрӯз равшанфикр меноманд. Олимон, шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон, омӯзгорон, табибон ва ғайра ба ин гурӯҳ шомиланд. Акнун саволе ба миён меояд, ки сухани эшон дар ҷомеа то кадом андоза муассир аст?*
*Аз ин рӯ, вобаста ба ин мавзӯъ хостем аз чанде омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб бо саволи "Сухани равшанфикрон то чӣ андоза таъсиргузор аст?" пурсон шавем.*



***Зафар МИРЗОЁН, мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ***

Нақши равшанандеш дар пешравии ҷомеаи мо, хусусан ба хештаншиносии миллӣ расидани тоҷикон ниҳоят муҳим мебошад. Чаро? Барои он ки насли имрӯзаи мо дар марҳилаи ҷаҳонишавии олам қарор дорад. Аз ҷониби дигар дар назди насли имрӯзаи равшанандешон вазифаи вазнини сохтани ҷомеаи навин гузошта шудааст ва чунин фикр вуҷуд дорад, ки дар замони кунунӣ андешаманди тоҷик бояд ба тарзи аврупоӣ мулоҳизаронӣ кунад. Яъне, дар пеши андешаманди тоҷик вазифа гузошта шудааст, ки паҳн кардани донишҳои дақиқ ва ихтироъкориро бояд дар ҷои аввал гузорад. Андешаи динӣ мисли мамлакатҳои Аврупо ҷойгоҳи худро дорад ва набояд ба илмҳои дақиқ пайваста шавад.



***Ҷумъахон НАЗАРОВ, директори Коллеҷи тиббии Кӯлоб.***

Ман фикр мекунам, ки равшанфикрон дар ҳама давру замон ба мардум таъсири нек мерасонанд. Як фикри солим метавонад бар силоҳбадаст ғолиб ояд. Бояд гуфт, ки ҳар як равшанфикр фаҳмиши худро дошта, ба касб ва соҳаи худаш ба мардум таъсир мерасонад. Дар навбати худ ҳастанд шахсоне, ки фаҳмиши олӣ доранд, лекин фикрҳояшонро ба мардум ё аудитория фаҳмонида наметавонанд. Агар таъсири равшанфикронро дар соҳаи маориф ва тандурустӣ гирем бе ягон шаку шубҳа албатта равшанфикрон дар ин ду соҳа таъсири мусбии худро мерасонанд. Ҳарчанд дар ватани мо ҳоло тақрибан 3000 корманди миёнаи касбии тиб аз Бадахшон то Зарафшон нарасанд ҳам, Ҳукумати ҷумҳурӣ кушиш бар он дорад, ки ин мушкилиро бартараф намояд. Духтарон ва писароне, ки коллеҷи тиббиро хатм намудаанд, дар ҷумҳурӣ кор ва фаъолият карда истодаанд, ки ин ҳама маҳсули дасти устодону равшанфикрон мебошад.



***Фирӯза ФАЙЗУЛЛОЕВА мудири кафедраи забони русии умумидонишгоҳии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.***

Дар ҳама давру замон ҷомеа ба равшанфикрон эҳтиёҷ дошт, зеро онҳо метавонанд ба мардум таъсир расонанд. Мо дар давраи тараққиёти илм ва техника, вазъи мураккаби сиёсӣ, шомил гардидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб зиндагӣ мекунем. Ҷомеаи моро сели ахборотҳо, чӣ ба воситаи ахбори омма ва чӣ ба воситаи интернет пахш мекунад. Маҳз имрӯз ҷомеаи мо ба равшанфикрон эҳтиёҷ дорад, зеро таъсири равшанфикрон ба мардум метавонад, боиси баланд шудани шуури зеҳнии онҳо гардад. Дар сатҳи ҷаҳонӣ омӯзондани сиёсати давлат ва ҳукумат, бахра бурдан аз илм, фарҳанг ва кашфиётҳои ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ бе таъсири равшанфикрон номумкин аст. Маҳз таъсири мусбии онҳо ба муваффақ шудан ба ҳадафҳои нек оварда мерасонад.



***Қумринисо МАҲМУДЗОДА, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявии Коллеҷи тиббии Кӯлоб.***

Равшанфикрон дар ҷумҳурии мо нақши муҳим доранд ва ба мардум таъсири хуб мерасонанд. Масалан, донишҷӯёне, ки навқалам ҳастанд ва қобилияти хуби эҷодӣ доранд, метавонанд, ки бо таъсири равшанфикрон шахсиятҳои бузург шаванд. Равшанфикрон метавонанд, ки дар бораи онҳо фикру ақидаи худашонро баён намоянд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон соли 2017-ро "Соли ҷавонон" эълон намуданд ва мо боварии комил дорем, ки ҷавонони мо имсолро бо дастовардҳои илмию фарҳангӣ ҷамъбаст хоҳанд кард. Ҳоло вақти он расидааст, ки ҷавонон аз ҳарвақта бештару хубтар кору фаъолият намоянд, зеро тамоми техникаву технологияҳои инноватсионӣ барои ҷавонон муҳайё аст. Мо метавонем ҷавононро ҳам равшанфикр ном барем. Омӯзгорони равшанфикр метавонанд дар дарсҳои худ ба донишҷӯён таъсири хуб расонанд.



***Раҳмоналӣ ШАРИФОВ, мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.***

Равшанфикрон ба аҳли ҷомеа метавонанд тарбияи ватандӯстӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳиро бедор созанд. Ба ақидаи ман покандешон дар замони ҳозира каманд, чунки баъзе аз онҳо манфиати худро дар мадди аввал гузошта, барои таъсир расонидани шахсиятҳои гуногуни ҷомеа камтар кушиш ба харҷ медиҳанд. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло мисол меорем шомил шудани ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротгароӣ. Хуб мешуд, ки манфиати худро яктараф гузошта, фикри ояндаи миллату давлатро мекарданд ва тавассути андешаҳои возеҳу равшани худ ба ҷомеа таъсири мусбат мерасониданд.



***Зайниддин ДАВЛАТОВ, мудири кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.***

Ба андешаи ман дар замони ҳозира равшанфикрон аз нигоҳи сиёсӣ ба мардум таъсири бештар расонида метавонанд. Зеро дар ҷомеаи имрӯза ба ҳар гуна ашхос вохӯрдан мумкин аст. Замоне фаро расидааст, ки ба инсонҳо на ба сурат, балки ба сираташон назар афканем. Равшанфикрон яке аз инсонҳое мебошанд, ки ақлу хирад ва дониши хуби сиёсидоштаи ҷомеаи мо мебошанд. Ҳар як равшанфикр метавонад дар ҷомеа бо ақлу хирад ва дониши худ таъсири хуб расонад. Мо натанҳо зиёиёнро равшанфикр гуфта метавонем, балки хамаи он нафароне, ки андешаи солим ва пок доранд, равшанфикр мебошанд. Мисол оварда метавонем, ки нафақахӯрон ва баъзе аз занони хонанишинро, ки андешаи поку солим доранд ва бо ин ақидаашон метавонанд ба аҳли ҷомеа таъсири мусбӣ расонанд.



***Шоҳрухи САИДҶАЪФАР, ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.***

Дар ҷомеаи муосир дар раванди ҷаҳонгароӣ нақши равшанфикрон хеле бузург аст. Инсоният дар даврае қарор дорад, ки хатарҳои зиёд дар рӯ ба илм ё рӯи ӯ истодааст. Барои ҳар шахс лозим меояд, ки ба хотири зинда мондан ва аз ин хатарҳо огоҳ шудан рӯ ба илм ва равшанфикре орад. Падидаҳои номатлуб аз қабили терроризм, экстремизм, кибертерроризм, биотерроризм, хариду фурӯши инсон, маводи мухадир ва ғайра, ки ба ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Маҳз равшанфикрон метавонанд ҷомеаро аз ин ҳолатҳо берун кунанд ва ба ҳолати рӯҳию равонии онҳо таъсири мусбӣ расонанд. Дар ҷумҳурии мо маҳз равшанфикрон буданд, ки роҳҳои ҳалли ҷанги шаҳрвандиро ёфта, инкишофи ҷомеаро аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра ба пеш бурданд. Нақши таъсиррасонии равшанфикрон буд, ки мо имрӯз дар фазои сулҳу субот зиндагӣ ва умр ба сар мебарем.

*Таҳияи*
*Алишери АБДУЛМАҶИД*

*Бувад торикии шабҳои дайҷур*
*Ба чашми кӯрмушон чашмаи нур.*



*Меҳмони ин шумора ноиби ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқов Сафар мебошад. Эшон мадюн ва донандаи ашъори пандуахлоқии ниёкони мо буда, аз илми ахлоқ бисёр бохабаранд. Хостем оид ба мавзӯи "Инсон ва рисолати он дар зиндагӣ" сӯҳбате анҷом бидиҳем.*

*ХОЛИҚОВ Сафар Сайфиддинович 1-уми октябри соли 1957 дар деҳаи Корези Болои ноҳияи Кӯлоб дар хонадони деҳқон таваллуд шудааст. Химик, номзади илмҳои химия (2001), дотсент (2011). Хатмкардаи факултаи химияи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ, 1980). Таҳсил дар мактаби миёнаи №12 "Коминтерн"-и ноҳия (1965-1975), донишҷӯ (1975-1980), муаллими фанни химияи мактаби миёнаи №6-и шаҳри Кӯлоб (1980-1990), мактаби миёнаи №12-и ноҳияи Кӯлоб (1990-1993), омӯзгори кафедраи химияи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1993), аспиранти таълими ғоибонаи Институти химияи АИ ҶТ (1994-1996), муовини декани факултаи химия ва биология (1996-2000), мудири кафедраи химия (2000-2004), декани факултаи химия ва биологияи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2004-2007), омӯзгори кафедраи илми асос ва табиӣ (2008-2010), муовини директори филиали ДДТТ дар шаҳри Кӯлоб оид ба таълим (2011-2012). Аз соли 2013 муовини ректори ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба таълим. Дар мавзӯи "Таъсири байниҳамдигарии металлҳои ишқорӣ бо хлориди алюминий ва ҳосил кардани гидриди алюминий бо усули якзинагӣ" (2001, Душанбе) рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Муаллифи як дастури методӣ ва беш аз 18 мақолаи илмӣ. Бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шудааст.*



# ХОЛИҚОВ САФАР: МАН ХУДАМРО БАР ЗИНДОН МЕБАРАМУ ОНҲОРО НЕ ...

***Шумо ҳамчун як шахси рӯзгордида, собиқадори соҳаи маориф ва огоҳ аз ашъори бузургонамон дар ҳаёти худ одамонро чӣ гуна дарёфтед?***

- Аввалан мо барои инсони комил шудан бояд бидонем, ки бо кадом роҳҳо ин имкон дорад. Мо бояд аз ҳаёти шахсиятҳои бузург, ки пеш аз мо гузаштаанд, ибрат гирем. Барои ин ҳатман мо бояд ба осору зиндагиномаи шахсиятҳои бузург шинос шавем. Вақте ки ба зиндагиномаи шахсиятҳои бузург шинос мешавем, онҳо ба монанди як мӯъҷизаеанд, ки моро аз damболи худ мебаранд. Ҳатто дар вақти омӯзиши асару зиндагии онҳо мо ба онҳо ҳасад мебарем. Ҳамчунон ки дар бозору кӯчаву гузаргоҳҳо ба чизҳои зебо дил мебандӣ ва хоҳиши доштани онҳоро мекунӣ, ин айнан ҳамон тавр аст. Дар ин ҳолат дар назди худ мақсад мегузорӣ, ки ман бояд ҳамин хел бошам. Ана ҳамин одамро водор мекунад, ки заҳмат бикашад. Чунон ки Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

*Охир одамзодаӣ эй нохалаф!*
*Чанд пиндорӣ ту пастиро шараф?*

Инсон бузургтарин махлуқи Худовандӣ аст, ки дар мартаба аз ҳама махлуқҳо боло меистад ва ӯ бояд ба ин сазовор бошад. Ба ҳамин мартабаи болотарин бояд бо тамоми рафтору кирдор ва амалҳои некаш сазовор бошад.

***Устод, гурӯҳе аз одамон ҳамдигарро ҳар гуна қабул доранд. Дар ниҳоди баъзе эҳсоси раҳму шафқат ва гуманизм дида намешавад. Назари шумо оид ба ин масъала чист?***

- Инсон шояд ду паҳлу дорад: хислатҳои нак ва бад. Дар масири таърих сарлашкарон ва шоҳонеро ёд дорем, ки ҳазорон ҳазор одамонро қатл кардаанд ва агар шумо инҳоро дар назар дошта бошед, ин дигар паҳлӯи савол аст. Бо вуҷуди ин, одамоне ҳастанд, ки ман онҳоро дунёпарастон меномам. Дар ҳақиқат ин гурӯҳи одамон бисёр ҳастанд, ки фақат андеша ва фикру зикри шабонарӯзиашон барои ҷамъ кардани сарват ва пешбурди зиндагии шахсии хешанд. Нафароне, ки фақат дар фикри манфиатҳои шахсии худанд ва барои миллати худ аслан фикр намекунанд, онҳо хатокорони бузурги дунёанд. Ин гурӯҳ аввал хатои худро намефаҳманд ва вақте ки синни онҳо ба ҳафтоду ҳаштод мерасад, дарк мекунанд, ки барои мардум ва ҷомеа коре накардаанд, лекин он замон аллакай дер шудааст. Ҳамчунон ки Шайхуррайс Сино мегӯяд:

*Имрӯз бикун чу метавони коре,*
*Фардо чӣ кунӣ чун натавон кард.*

Имрӯз, ки Худованд ба мо қудрату тавоноӣ додааст, бояд ба мардум ва халқу Ватани хеш хизмат кунем.

*Ҳар шаб зи худат бипурс*
*агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чӣ хизмате ба*
*мардум кардӣ.*

Инро буҳуда ҳазрати Лоҳутӣ нагуфтааст.

***Аз нигоҳи Шумо вазифаи асосии инсон аз чӣ иборат аст? Инсон бояд дар давоми умри худ кадом корҳоро ба сомон расонад?***

Бисёр саволи мураккаб. Ҳазрати Ҳофиз мегӯяд, ки:

*Фош мегӯяму аз*
*гуфтори худ дилшодам,*
*Бандаи ишқаму аз ҳарду*
*ҷаҳон озодам.*

Инсон вақте, ки ба дунё меояд, масъулияти бузурги инсониро бо худ аз батни модар ба ин дунё меорад ва дар ҳаёти худ бояд аз ин масъулият канораҷӯӣ накунад. Дар ҷои дигар Ҳофизи бузург чунин фармуда:

*Одамӣ аз олами хокӣ*
*намеояд ба даст,*
*Олами дигар бибояд*
*сохт в-аз нав одаме.*

Таъкиди ҳазрати Ҳофиз аз он иборат аст, ки мо дигар аз хок одам сохта наметавонем, зеро Худованд як маротиба ин корро кард. Акнун одами дигар аз олами дигар бибояд сохт, ки ба ин ҷомеа мувофиқ бошад, аммо ин кор аслан ғайриимкон аст. Ҳамчунон ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон гуфтанд, мо бояд аз илмҳои замонавӣ ва илмҳои дақиқ монанди физика, математика, химия ва ғайра бохабар бошем. Ин сабаб мешавад, ки мо соҳибмаърифат мешавем. Чунин аст, ки Ҳофиз мегӯяд:

*Маърифат нест дар*
*ин қавм Худоро сабабе,*
*То барам гавҳари худро*
*ба харидори дигар.*

Ин сухан 666 сол пеш гуфта шудааст, ки шоир мехоҳад инсонҳо маърифатнок шаванд. Замоне ки инсонҳо маърифатнок шаванд, ба омӯзиши тамоми илмҳои замона дастёб мегарданд. Масалан, агар ба зиндагии бузургони худ назар афканем, дармеёбем, ки эшон олими тамоми соҳаҳо буданд, барои он ки нахуст маърифатро омӯхтанд. Ҳоло мо илмро қисм-қисм кардаему онро аз худ карда наметавонем. Маърифатнокӣ яке аз муҳимтарин маҳакҳои инсони комил мебошад.

***Дар ҳоле ки ҳазорон китобу асарҳои пандуахлоқӣ роҳнамои инсони комил аст, чаро инсонҳо корҳои хато ва нораво мекунанд?***

- Яке аз сабабҳои хато кардани инсонҳо нафс мебошад. Нафс бузургтарин ва боқувваттарин душмани ашадии инсон мебошад. Нафс на танҳо дар одам, балки дар ҳайвонҳо низ дида мешавад, аммо инсон, ки ақл дорад, бояд онро идора карда тавонад, вагарна аз ҳайвон ҳеҷ фарқе надорад. Агар нафсро мутеи худ накунем, мо ба бисёр хатоҳо роҳ медиҳем. Вақте ки инсон мутеи нафс шуд, ба ҳар хатогӣ даст заданаш мумкин аст. Нафс дар замири инсон баробари ақл фаъолият мекунад. Чунон ки бузурге гуфта:

*Нафси бадро ҳар ки*
*сераш мекунад,*
*Дар гунаҳ кардан*
*далераш мекунад.*

Вақте ки инсон мутеи нафс шуд, ақл коста мешавад ва нафс боло меравад. Дар ин ҳолат аз думболи нафс рафта, як хато не, чанд хаторо паи ҳам иҷро мекунад, чунки ӯ аллакай гирифтори нафс шуд. Нафс як бало ва оташ аст, ки мартабаи инсонро коҳиш медиҳад ва онро хокистар мегардонад. Инро кулли бузургон наҳӣ кардаанд ва ақлро боло донистанд. Барои ҳамин, инсонҳоро ба ҳар хатоӣ нафс мебарад.

***Устод, чаро қадри одамон кам шудааст? Махсусан, фарзандон волидайнро ҳурмат намекунанд ва волидайн дигар аъзои хонаводаро. Ё замони "ҳама офоқ пур аз фитнаву шарр"-и Ҳофиз омадааст?***

- Вақте ки писар падарро эҳтиром намекунад, ин маънои онро дорад, ки падар дар куҷое хато кардааст. Ҳозир падарон меноланд, ки фарзандон моро дар хонаҳои пиронсолон бурда партофтаанд. Ман фикр мекунам, ки ин хатогии чилсолаи ҳамон падар аст, чунки дар дили он фарзанд меҳру шафқати падарӣ ва модариро аз кӯдакӣ дар дили ӯ ҷой накардаанд. Дар ин ҷо падар ба хатогии ҷиддӣ роҳ додааст. Ба писараш нагуфтааст, ки ман қиблагоҳи туям. Ҳамчунон ки қиблаи мусалмононро саҷда мекунӣ, ту бояд маро ҳам саҷда кунӣ.

Ман аз ҳаёти шахсиам як мисол меорам. Фарзанди ман дар литсеи туркӣ аз синфи 7-ум таҳсил мекунад. Ӯ нисбати мо меҳри кам дорад ва нисбат ба дигар фарзандон ба мо кам занг мезанад, чунки он аз домони модар ва падар дур шуд. Ин як раванди табиӣ аст. Ҳар қадар ки фарзанд аз оила дур шуд, ҳамон қадар меҳраш нисбати оила коста мешавад. Сабаби дигар ин дуруст тарбия накардани фарзандон аз ҷониби оила аст. Масалан, ман то ҳол номи модарамро агар шунавам, дилам гум мезанад. Овози падарамро шунида, аз ҷой мехезам, чунки онҳо меҳри падариву модариро дар дили ман ҷой кардаанд. Ман худамро бар зиндон мебараму онҳоро не, чунки онҳо меҳри модариро бо тамоми ҳастияш дар дили ман ҷой карданд.

***Имрӯз дар давлатҳои арабӣ "Инқилоби ранга" рафта истодааст ва ҳар рӯз садҳо нафар қатл мешаванд. Ба фикри шумо чаро инсонҳо якдигарро мекушанд?***

- Инқилоби рангаро дар Ховари Миёна давлатҳои абарқудрат тарҳрезӣ мекунанд ва дар ҷомеа аз ҳамон нафароне, ки маърифати паст доранд, истифода мебаранд. Ҳамчунон ки дар Ироқу Сурияву Мисру Яману Либия шуда истодааст. Абарқудратҳо оташи ҷангро рӯшан месозанд ва замоне ки ихтилоф сар шуд, қатлу куштор низ оғоз мешавад. Ин ҳама кори ҳамон абарқудатҳост, ки пули зиёд доранд ва барои манфиятҳои худ ин амали шумро иҷро мекунанд. Дар ҷое омада, ки:

*Эй бор худои аршу курсӣ,*
*Шаш чиз ба мо ато фиристӣ.*
*Имону амону тандурустӣ,*
*Илму амалу фароҳдастӣ.*

Яъне, баъд аз имон доштан дар ҷои дуюм амонии мамлакат меистад, ки садри аъзами мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мардум тавонист, ки сулҳро тӯҳфа кунад.

Сарвазири Олмон, бону Ангела Меркел дар як суханрониаш мегӯяд, ки: "Ҳинду Чин наздик ба 2,5 милиард аҳолӣ, 150 худо ва 800 ақидаи мухталиф доранду дар сулҳ зиндагӣ мекунанд. Мусалмонон 1 Худо, 1 паёмбар ва 1 Китоб доранд, вале хиёбонҳояшон ба хуни ҳамдигар сурх шудааст! Қотилаш мегӯяд: Аллоҳу Акбар! Мақтул ҳам мегӯяд: Аллоҳу Акбар! Ва куштаҳои 2 тараф шаҳид номида мешаванд. Ин дард аст, ки мутаваҷҷеҳ нестем дин чист!"

Инсонҳое, ки 40-50 соли умри худро дар оромӣ гузаронидаанд ва аз ҷангу ҷидол огоҳӣ надоранд, хоҳиши ҷанг дар мафкураи онҳо пайдо мешавад, зеро онҳо ин даҳшатро надидаанд. Инсон замоне ки гуруснагиро мебинад ва бо қатлу куштор рӯбарӯ мешавад, баъд ба қадри сулҳу суббот мерасад.

***Имсол, ки аз тарафи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 "Соли ҷавонон" эълон шудааст, муроҷиати Шумо ба ҷавонон чист?***

- Ба кулли ҷавонони Тоҷикистон расонданиам, ки ба қадри фазо, об ва хоки Тоҷикистон бирасанд. Аввалин маҳаке, ки дар зиндагӣ муҳим аст, ин сулҳу оромиро нигоҳ доштан аст. Хоҳиш дорам, ки рӯ ба китоб биёранд. Китоб инсонҳоро ба мартабаи бузург оварда мерасонад, рӯ ба илмҳои дақиқ биёранд. Сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, шукрона кунанд, ки дар ҷумҳурии мо чаҳор фасли сол вуҷуд дорад, ки ин дар ягон мамлакати ҷаҳон нест. Ба қадри ин Ватан бирасанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунанд.

*Мусоҳиб,*
*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

*Макун чандон бародарзодаро меҳр,*
*Ки як сӯ тобӣ аз фарзанди худ чеҳр.*

**Анвори дониш**
**№21 (250) 28 феврали соли 2017**

# ОИЛА-РУКНИ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ

**(НАТИҶАГИРӢ АЗ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 22 ДЕКАБРИ СОЛИ 2016 )**



Мардум аз маърӯзаву гузоришҳо, китобу мақолаҳо, амру фармонҳо, суҳбату мулоқоти пайвастаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шоистагӣ дарёфтааст, ки яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар тарбия намудани насли солим ва аз ҷиҳати ҷисмониву ақлонии сиҳатманд аст.

Дар сархати сиёсати Пешвои миллат масъалаи устувор нигоҳ доштани генофонди миллат бо шинохту идома бахшидани беҳтарин суннатҳои рӯзгордорӣ, анъанаву маросим, расму русуми созандаву бунёдкорона, ваҳдату иттифоқӣ ва ҳамбастагии кулли сокинони Тоҷикистон қарор гирифтааст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои расмии хеш ёдовар шудааст, ки мавҷу авҷи ҷаҳонишавӣ дар баробари тарғибу интишори навгониҳои илмию техникӣ, донишҳои ҷадид таҷрибаҳои аз назари фикрӣ озмуда, инчунин паёмадҳои ногуворе барои мардум намуданд ва аз миён бурдани унсурҳои фарҳангӣ, адабӣ, илмӣ ва сиёсии халқу қавмҳои гуногуни оламро низ дар пай дорад.

Аз ин рӯ, бо таъмини фазои орому мусоиди сиёсати роҳбарияти Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмини суботи маънавӣ низ талоши доимӣ дорад. Такя намудани Роҳбари кишвар ба донишу малака ва таҷрибаи зиёиён, муаллимону табибон, ходимони ҷамъиятиву сиёсӣ, хоҷагии халқ, кишоварзони асил, пирони дарси зиндагӣ андӯхта, ҳамчунин тарғиб кардани моҳияти манфиатовари фаъолияти ҳастии мардуми Тоҷикистон аст. Вусъату ҳамгироии чунин мақсад бозгӯи он аст, ки бояд нисбати тақдири имрӯзу фардои миллат ягон нафар сокини ин сарзамин бетараф набошад. Марҳалаи соҳибистиқлол собит месозад, ки дастгирии ташаббусҳои Пешвои миллат аз тарафи аҳолӣ самараҳои нек дода истодааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори маъруф дар марҳалаи барои тамоми оламиён ҳассос ба ин назаранд, ки ҷиҳати гузоштани асосҳои бинои ҳастии маънавии мардум, оила ва мактаб ҷойгоҳи махсус доранд. Бояд ёдовар гардид, ки дар ҷумҳурӣ тамоми санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ нисбат ба оила ва аъзои он вазифаҳои падару модар, уҳдадориҳои онҳо барои парвариши фарзандони солим ва соҳибмаълумот таҳия гардидаст.

Дар модаҳои 33-34 Конститутсияи кишвар масалаҳои вобаста ба оила, ҳимояти он аз тарафи давлат, ҳуқуқи ташкили оила, инчунин масъулияти волидайну фарзандон ҷой дода шудааст. Асоси ҳуқуқии ин мавзӯъро Конститутсия ҳамаҷониба пешбинӣ менамояд.

Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат 20 январи соли 2016 доир ба мақоми шоистаи занон дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар чунин таъкид доштаанд: "Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода занонро ҳамчун ҷароғи оила, неруи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем ва дар сохтору мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар мегардонем".

Дар қатори ин, моро зарур аст, ки дар таҳкиму устувории бинои оила беҳтарин унсуру анъанаҳои оиладории милливу шарқӣ ва дунявиро бо ҳам омезиш диҳем, суръати кайҳонии илму технология, тағйир ёфтани иқлими сайёра, зуҳури хатарҳои экологиву табиӣ, пайдоиши падидаҳои зиёди иҷтимоиву фарҳангӣ, иқтисодиву сиёсӣ дар назди онҳо вазифаҳои нав ба навро гузорем.

Мутаассифона, мо табибон гоҳо мешунавем, ки мардум ба гуфтору фармудаҳои носанҷидаи ҳар хел аз рӯҳониёни камсавод дода шуда, монеъи муоинаи таббии занону фарзандон ва эмгузаронии кӯдакон мегарданд. Тарзи нодурусти муносибат боис мегардад, ки чунин одамон ҳолати хуруҷи бемории фарзандонро пинҳон мекунанд ё нодида мегиранд. Дар натиҷа касалиҳои гуногуни сироятӣ ё бемориҳои сироятии мавсимӣ ба зудӣ доман паҳн карда, аз паси хуруфопарастии чанд нафар ҷомеа азият мекашад. Ё ба синну соли фарзандон нигоҳ накарда онҳоро ба меҳнати маҷбурӣ водор мекунанд, талқини иҷбории зиёд кардани донишҳои динӣ ва канор гузоштани фарзандони аз тарзи ҳаёти солим, бозиву мусобиқаҳо, олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳо, маҳфилҳои илмиву адабӣ, мактабҳои санъату мусиқӣ, барномаҳои давлатӣ, намоишҳои телевизионӣ, ҷалб накардани онҳо дар урдугоҳҳо ва дигар василаҳои пешрафти маънавию ҷисмонии онҳо сабаби рӯҳафтодагӣ, ноуҳдабарой, бетарафӣ ва танҳоӣ мегардад. Таҷрибаҳо собит карданд, ки ҷудо кардани фарзанд аз муҳити созгор боиси осебпазирии ӯ мегардад. Ин омил андешаи офаридан, сохтан, омӯхтан ва ихтироъ карданро аз вуҷуди ӯ берун мекунад.

Дар мулоҳизаҳои ояндабинонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон таъкид ёфт, ки "масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад".

*Лола АСОЕВА,*
*Рисолат НАЗИРМАДОВА,*
*Каримхон ЯТИМОВ,*
*омӯзгорони Коллеҷи тиббии Кӯлоб*

# ЧАРО ДОНИШҶӮЁН КАМСАВОДАНД?

***Донишҷӯ афродест, ки дар асоси тартиби муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ қабул гардида, дар шуъбаи рӯзона, шабона ва ғоибона бо мақсади ба дараҷаи муайяни таҳсилот соҳибихтисос шудан таҳсил менамоянд.***



Донишҷӯ як мафҳуми баланд дорад. Бо гуфтани ин калима пеши назарат як шахси оқилу доно, хирадманду фарҳангдӯст, ҷӯяндаю кобанда, донишманди донишомӯз вонамуд мегардад. Дар ҳақиқат паси мизи донишҷӯӣ нишастан орзуи ҳар як ҷавондухтару ҷавонписар буду ҳасту мемонад. Боиси ифтихор аст, ки бисёре аз ҷавонон барои донишҷӯ шудан кушиш мекунанд. Дар тамоми ҷумҳурӣ омӯзгорони баландтаҷриба фаъолият намуда, сатҳи таълим ва шароити илмию техникӣ хуб ба роҳ монда шудааст, аммо имрӯзҳо кам нафароне пайдо мешаванд, ки бо вуҷуди ин қадар имкониятҳо таҳсил кушиш ба харҷ диҳанд. Ин боиси нигаронист, ки донишҷӯён камсаводанду дониш намеҷӯянд. Ман худ як ҷавони ҷомеаи имрӯза ин масъаларо пай бурда мехоҳам донам, ки сабабаш дар чист? Бо ҳамин мақсад аз як шаҳрванди одӣ пурсон шудам, ки чунин гуфт: "Ман сабаби асосии камсаводии бархе аз донишҷӯёнро дар истифодаи бемавриди телефонҳои мобилӣ мебинам. Соатҳои зиёд бо телефон суҳбат намуда, ба дарсҳо бе тайёрӣ мераванд. Сабаби дигари камсаводии қисми донишҷӯёнро дар беназоратии волидон мебинам".

Мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва НКТ-и ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатова Рухсорамо ба ин савол чунин ҷавоб дод: "Сабаби асосии камсаводиро дар ташвишҳои зиндагӣ, вазъи мушкили иқтисоди оилавӣ: масалан нарасидани маблағ, бекории волидон, рақобатпазирии байни донишҷӯён дар пӯшидани либос (вақте, ки донишҷӯ ҳар рӯз либоси нав мепӯшад, аллакай донишҷӯи дигар низ кушиш менамояд, ки вай ҳам пӯшад), ҳавасманд нагардонидани донишҷӯён аз тарафи бархе омӯзгорон (ба донишҷӯёни босаводу бесавод баҳои як гузоштан), каммасъулиятии волидон ва беназоратӣ дар вақти таҳсил, нафаҳмидани технологияи компютерӣ ва ғайра".

Ҳамаи сабабҳои дар боло гуфтаам метавонад боиси камсаводии бархе аз донишҷӯён гардад. Аз як донишҷӯ пурсон шудам ва ӯ чунин ҷавоб дод, ки дар ҷомеаи мо донишҷӯёни худомӯз кам дида мешаванд. Бояд мо донишҷӯён худомӯз бошем. Чӣ тавре, В.И. Ленин гуфтааст: "Ҳар як дониши ҳақиқӣ танҳо дар натиҷаи худомӯзӣ ба даст оварда мешавад".

Бояд мо донишҷӯён тамоми қувваи созандаи хешро бахри ҳифзи комёбиҳои даврони истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, муттаҳидӣ, сулҳу осоиш, таҳкими ваҳдати миллӣ ва пешравии минбадаи иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёти Тоҷикистони азиз сафарбар намоем.



*Шоираи САИДИКРОМ,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи физика ва математикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ЗАХМИ ТАБАР МЕРАВАД, ЗАХМИ ЗАБОН ЧӢ?

*Сухан хуршед дорад дар самояш,*
*Агар ҳар ҳарфи он бошад ба ҷояш.*
*Агар ҳарфаш ба ҷои худ набошад,*
*Даронад пардаи гӯшам садояш.*

Аз қадимулайём мардуми тоҷик мардуми сухандону сухансанҷ ба ҳисоб рафта, дар ҳар давру замон нобиғаҳое ба мисли Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Бедил, Хайёму Сино ва чандин нафарони дигар муаррифгари сухани волои тоҷику форс ба шумор мерафтанд ва то имрӯз чандин ҳазор куллиёту девони ин бузургон ба мо насли ҷавон мерос мондааст, то ки хонему гузаштаи худро фаромӯш насозем. Аммо, мутаассифона, имрӯзҳо аз забони баъзе пиру ҷавон суханҳое шунида мешавад, ки вуҷуди шунавандаро нороҳат мекунад. Дар ин замон мо ҷавонон бояд донандаи хуби забони носи тоҷикӣ бошем, зеро забони тоҷикӣ ин худ забони шеър аст.

Аз чи сабаб бошад, ки инсонҳоеро вомехӯрем, ки дар ин умри начандон дарози худ дар даҳон калимаҳои дағалу сухани ноҷоро ҷой додаанд.

Банда шоҳиди ҳол ҳастам, ки як рӯзи сарди зимистон аз назди мактабе гузар доштам ва ногаҳон назарам ба пирамарде афтод. Дидам, ки пирамард гурӯҳе аз ҷавононро ҷамъ карда, аз аъмоли ноҷо ва суханҳои сарди онҳо норозигӣ баён мекард, аммо ҷавонон ба суханҳои ӯ аҳамият надода, тарафи ӯ ҳарфҳои масхараомез мегуфтанд, лекин аз чи сабаб бошад, ки насиҳати пирамард ба хеҷ як ҷавон таъсир намебахшид. Ба ҷавле аз ин гӯш доромада ба гӯши дигар мебаромад. Ҷойи таассуф аст, ки аз ҷойи воқеа на чандон дуртар нафарони обрӯманди ҳамон маҳалла суҳбати гарму ҷӯшон доштанд, аммо боре ҳам ягон нафаре аз ин мардони рӯзгордида садои пирамардро гӯё намешуниданд. Ҳамон пирамарде, ки намехоҳад ҷавонони имрӯзаро бо чунин муомилаҳои зишт ва амалҳои номатлуб бубинад. Кушиш ба харҷ медиҳад, ки синусолаш ба ҷое расида бошад ҳам, барои давлату миллати худ коре карда бошад, ки фардо насли ҷавон аз рӯи ин гуфтаҳои марди хирад амал карда, ба қуллаҳои мурод расанд. Мутаассифона, баъзе аз падару модарон вазифае, ки бар души онҳост, бе ягон мушкилӣ яксу гузошта, ба хотир надоранд, ки бори охир кай бо фарзандони худ ҳамчун роҳбари хонадон нишаста, аз кору пайкори эшон бипурсанд. Ҷаро ин гуна падару модарон нисбати оиндаи фарзандони худ бетарафиро ихтиёр кардаанд? Аз ин ҷо бар меояд, ки дар баъзе оилаҳо худи ҳамон волидайн ба таълиму тарбия эхтиёҷ доранд, зеро устоди аввалини ҳар як инсон падару модар ба ҳисоб меравад. Модоме ки чунин аст, пас оянда аз дасти чунин нафароне, ки аз даҳону забони онҳо атрофиён дилгир мегарданд, дар чӣ гуна ҳолат қарор мегирад оё ин зумра одамон боре ҳам фикр намекунанд, ки табъи як инсонро хира кардан чӣ қадар амали номатлуб ба ҳисоб меравад.

*Пирон сухан зи таҷриба гӯянд гӯямат.*
*Хон, ай писар, ки пир шавӣ, панд гӯш кун!*



*Исмоил СУЛТОНОВ,*
*ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# MOM IS A PRECIOUS TREASURE

***Whenever I am in need of love,***
***Mother is there from the heavens above***

When everyone turns away, she is the one turning towards you. When you fall she is the one that helps you up and when your heart filled with despair, she is the one that gives you a glimpse of hope. A mother is the best friend anyone could ever ask for. Once she gives you that special hug everything seems okay and even though you never want her to let go. Describing a mother's love is virtually impossible. It is a feeling that can only truly be understood by those that experience it.

A famous poet Edwin H Chapin described mother's love in this way; "No language can express the power and beauty and heroism of mother's love"

It's hard to describe the feeling that mother has towards her children. Mother is a special part that cherished in our heart. She is a pearl, a soul, a mate and she is the one who makes life great. She is an angel without the wings who not only support her children but she also hold the whole family together. Mother is an everlasting bloom in a wonderful garden where only love and beauty grows. My Mom is the most important person in my life. She was there for my first breath and I'll be there for her last



*Симои ХОТАМБЕК,*
*донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи хориҷии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*



# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - АМАЛИШАВИИ ҲАДАФҲОИ БУЗУРГ

***Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки рӯзи 22.12.2016 тариқи оинаи нилгун намоиш дода шуд, ба мо омӯзгорони ҷавон ва мардуми шарифи Тоҷикистон неруи тоза бахшид. Хоса, ҷашнгирии 25-солагии пурарзиштарин падидаи Тоҷикистони азиз-таҷлили Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ маҳз ҳамин сол ба вуқуъ пайваст. Тавре ҳамагон медонанд, Истиқлолият - ин рамзи соҳибдавлатӣ, ватандорӣ, комилҳуқуқ, соҳибихтиёрӣ ва ҳастии миллату давлат мебошад. 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва Паёми навбатии Пешвои миллат бори дигар Тоҷикистонро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун давлати демократӣ муаррифӣ намуд.***

Ҳамасола зимни Паём Сарвари давлат ба ҳамагон-хоҷагии халқ, илм, фарҳанг, иқтисодиёт, маориф, техника, варзиш, тандурустӣ, кишоварзӣ, энергетика, сохтмон, соҳибкорӣ диққати махсус дода, ҳамагонро ба он даъват менамояд, ки баҳри ободонӣ ва гулгулшукуфоии Ватани азизамон сидқан ва самимона хизмат намоем. "Ободкорӣ, бунёдкорӣ, ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, истифодаи самаранок ва босифати захираҳои обӣ мақсади асосии пешрафти давлат ва марудми кишварамон мебошад", - таъкид намудаанд Пешвои миллат дар Паёмашон. Ин таъкидҳои хирадмандона вазифаи на танҳо роҳбарият, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Дар якҷоягӣ бо халқ ва мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлоли худро боз ҳам ободтару зеботар ва гулгулшукуфон намудан мумкин аст.

Тарбияи насли наврас, ҷавонон ва кадрҳои баландихтисоси ҳама касбҳоро мо омӯзгорон бар души худ дорем. Чунки оиндаи давлат вобаста аз кадрҳои баладихтисос ва ҷавобгӯ ба стандарти ҷаҳонӣ мебошад. Бинобар ин, дар таълими фанҳои дақиқ, илму технологияи навин, омӯхтани забонҳои русӣ ва англисӣ ба ҷавонону наврасон камари ҳиммат бандем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Пешвои миллат дар Паёми имсолаашон соли 2017- ро бо эҳсоси баланд ва боварии амиқ "Соли ҷавонон" эълон карданд. Пешвои миллат бо як ҳисси баланди ватандорӣ, сиёсати хирадмандонаи минбаъдаи Тоҷикистонро ба дасти ҷавонони навовар, ободкор, тадқиқотчиёни баландмаърифат бовар намуд. Ин мо омӯзгоронро водор месозад, ки дар таълиму тарбияи ҷавонони ояндасоз ҷаҳду кушиш намоем.

Ман аз он ифтихор менамоям, ки дар давлати соҳибихтиёр ва мустақил кору зиндагӣ менамоям. Аз он хурсандам, ки Пешвои миллат тамоми ҷомеаи шаҳрвандиро ба омӯхтани технологияи навин, меҳнати сидқан фидокорона, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва касбҳои гуногун ҳидоят намуд. Даъват ба он намуд, ки барои фаъолияти занону бонувони тоҷик дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, илму маориф, технология, саноат, фарҳанг, иқтисодиёт ва варзиш шароитҳои беҳтарин муҳайё намоем. Ин боиси ифтихор ва сарибаланди мо занон-омӯзгорон мебошад.



*Қаламнисо ДАВЛАТОВА,*
*танзимгари факултаи молиявию иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

***Ваҳдати миллӣ барои ҳар як сокини Ватани азизамон неъмати бебаҳост ва он ифодагари рамзи саодат, озодӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва соҳибватанию соҳибдавлатӣ мебошад.***

# ВАТАН ДАР РӮИ ДАСТОНИ МАНУ ТУСТ!



Боиси ифтихор аст, ки мардуми сарбаланди мо 20 сол муқаддам ниҳоли орзуи армони худро бо номи Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии азизамон борвар намуд. Маскунони кишвари сулҳдӯстамон аз рӯзҳои ноил гардидан ба ин неъмати бебаҳои Парвардигори якаю ягона, ки он тавассути саъю талошҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро бо хушнудии беинтиҳо пазируфта, бо дили гарму чеҳраи кушод истиқбол карда, пайи абадан мутантан будани он ҷаҳд намуда истодаанд.

Дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакатамон Тоҷикистони азиз дар арсаи сиёсӣ мақоми шоиста пайдо кард ва ба ошёнаи сулҳу ваҳдат табдил ёфт. Вале барои расидан ба ин қуллаи мурод ва дастёбӣ ба сулҳу оромӣ ва ноил гардидан ба ваҳдати миллӣ барои мо осон набуд. Номаи 22 декабри соли 1992 ирсолнамудаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Дабири кулли СММ Бутрос Ғолӣ тақозо намуда буд, ки ба Тоҷикистон ҳайати нозирони СММ-ро барои мусоидат, барои танзими муноқишаҳои тоҷикон фиристад. Маҳз бо шарофати ин дархост моҳи январи 1993 аввалин гурӯҳи хурди нозирони СММ ба Душанбе омаданд ва намояндагии нозирони ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ дар пойтахти кишварамон ифтитоҳ ёфт.

Дар ин давра (то соли 2000-ум), дар ҳайат аз 30 кишвари олам намояндагони худро фиристода буданд.

Музокироти тоҷикон асосан, аз 5 апрели соли 1994 оғоз гардида, то 27 июни соли 1997 то ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Москва идома ёфтанд. Дар давоми 4 соли давраи музокирот 21 мулоқотҳои расмӣ ва даҳҳо гуфтушунидҳои ғайрирасмӣ сурат гирифт. Ин мулоқоту музокирот ба сарпарастии намояндагии Дабири кулли СММ ва кишоварҳои Россияю Эрон, Тоҷикистону Афғонистон, Туркманистону Қирғизистон, Қазоқистону Узбекистон баргузор гардиданд. Махсусан, кишварҳои Россияю Эрон ва инчунин, СММ дар раванди сулҳи тоҷикон нақши хеле муҳимро бозиданд.

Маҳз заҳмату талошҳо, хираду маърифати тамаддунсози миллатамон, бахусус, Сарвари давлатамон буд, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва санади таърихию муқаддас барои мардуми мо Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид. Пешвои миллатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҳуҷҷати таърихиро "дастоварди бузург ва муқаддаси миллат" баҳо дода, гаштаю баргашта қайд менамояд: "моро зарур аст ба қадри сулҳу субббот бирасем ва онро чун гавҳараки чашм нигаҳбонӣ кунем".

Дар ин даврони бисёр ҳассос, ки баҳсу мунозираҳои мафкуравӣ вусъат ёфта истодаанд, ҳар як фарди солимақл, бахусус, ба мо ҷавонон зарур аст, ки азми дурусту саъйи комил дошта бошем ва ваҳдати бо талошу ҷонбозиҳои зиёд бадастомадаро ҳифз намоем. Кушиш намоем, то ба иштибоҳ роҳ надиҳем.

Мо, ҷавононро зарур аст, ки монанди деҳқоне, ки дар оғози ҳар фасли баҳор замини корамашро аз сангрезаҳо тоза менамояд, афкори махшуш ва бемақсади худро аз зеҳнамон пок намоем, зеро мафкураи солим ва неруҳои зеҳнӣ ба пешрафту нумӯи тараққиёти кишвари маҳбубамон, аз ҷумла, ба соҳаи маориф ва дар маҷмӯъ ба ташаккули кулли ҷабҳаҳои ҷомеа мусоидат менамояд.

Барои таҳким бахшидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ дар ниҳоди ҷавонон тамоми аъзоёни ҷомеа масъул аст. Ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ ва пуштибонӣ аз сулҳу ваҳдати миллӣ яке аз хислатҳои накӯ ва хуҷастаи инсонист, ки айни замон аз ҳарвақта бештар аҳамият касб намудааст. Зиндагии осоишта ва пойдории сулҳу ваҳдати миллии Тоҷикистони шуҳратдорамон дар дасти худи мост.

*Ватан пайваста*
*пайки родмардист,*
*Ба по истода паймони*
*ману туст.*
*Ватан он моми пир,*
*он тифли маъсум,*
*Ватан дар рӯи дастони*
*ману туст.*



*Абдуҷаббори САФАРАЛӢ,*
*ассистенти кафедраи методикаи таълими ибтидоии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ГУФТОРҲО ДАР БОРАИ МАФҲУМҲОИ МАТЕМАТИКӢ

Ҷадвалро гирифта, хати рост мегузаронам. Дар як лаҳза доира ба квадрат мубаддал мешавад.

***Аристофан***

Бозӣ дар шоҳмот як навъ ҳуштаккашии созҳои математикиро ба хотир меорад. ***Г. Хорди***

Адад, мавқеъ ва мувофиқат се унсури ҳамранг, аммо бахшҳои гуногуни тафаккур мебошанд, ки тавассути онҳо ғояҳои математикиро сарҷамъ намудан мумкин аст.

***Ҷ. Силвестр***

Ихтиёрӣ ё ҳатто муқобили иродаи ин ё он математик ададҳои мавҳум боз ва боз рӯи қоғаз падид меоянд ва ба андозаи он, ки чӣ манфиате аз истифодаи онҳо ҳосил мегардад, онҳо боз ҳам доманадор паҳн мешавад.

***Ф. Клейн***

Ҳеҷ кас ба саҳеҳии натиҷаҳо бо ҳисобкуниҳои андозаҳои мафҳум шубҳа надорад, агарчанде, ки онҳо танҳо шакли ифодаи алгебравӣ ва иероглифҳои микдории ҳеҷро таҷассум менамоянд.

***П. Карно***

Аксари идеяҳои бузурги математикиҳои муосир, агар на ҳамаашон,оғози худро аз мушоҳида дарёфтаанд.

***Ҷ. Силвестр***

Китоби фалсафа - ин он аст, ки мудом пеши назари мо кушода аст. Аммо он бо ҳарфҳое ифода мегардад, ки дар алфавити мо нест, барои ҳамагон хоно нест. Ҳарфҳои ин китоб секунҷаҳо, доираҳо, курраҳо, конусҳо, пирамидаҳо ва дигар шаклҳои математикӣ мебошанд, ки мутолиаи онро гуворо сохтаанд.

***Г. Галилей***

Ҳамаи маълумотҳо доир ба ҷисм ва хосиятҳои он бояд нишондодҳои дақиқро ба адад, вазн, ҳаҷм, андоза дарбар гирад. Амалия аз баҳамалоқамандии физика ва математика тавлид меёбад.

***Ф. Бекон***

Омӯзиши амиқ ва бодиққатонаи табиат манбаи ҳамагуна кашфиётҳои самарабахши математикҳо мебошад.

***Ж. Фуре***

Идеяи асоси геометрия ҷадид аз хоҳиши рассомони эҳё, ки матлабашон ба чашм тасвирсозӣ буд, ба амал омад. Ашиёҳо дар воқеъ чӣ гунаанд ва дар ҳамворӣ чӣ тасвир доранд, асоси он гардид.

***С. Г. Гулд***

Барои рассом математикаи ҳунари ӯ зарур аст. Таълимот оиди дурнамо - ин роҳнамо ва дарвоза мебошад, бе он ягон чизи ҷолибе дар мусаввара офаридан муҳол аст.

***Леонардо да Винчи***

Расми ашё ин буриши конусии иборат аз хатҳои рости аз чашми рассом ба нуқтаҳои гуногуни ашёи тасвиршаванда гузаронидашуда мебошад.

***С. Г. Гулд***

Бартарият дар системаи даҳии ҳисоб на математикӣ, балки зоологӣ аст. Агар мо дар панҷаи даст на даҳто, балки ҳашт то ангушт медоштем, бешубҳа аз системаи 8-и ҳисоб истифода менамудем.

***Н. Н. Лузин***

Топология аз ҳама шохаи ҷавонтарин ва аз ҳама муқтадири геометрия мебошад. Он таъсири баръакси байни ҳисиётҳо ва мантиқро айёнӣ намоиш медиҳад.

***Р. Курант***

Бузургии тағирёбандаи Декартӣ дар математика гардиши кулиро ба амал овард. Бо шарофати он ҳамон ҳаракате, ки асоси диалектика буд, ба математика ворид шуд.

***Ф. Энгелс***

Кулли анализи беохир дар атрофи бузургии тағйирёбанда ва функсияҳои онҳо чарх мезананд.

***Л. Эйлер***

Ман фикр мекунам, ки ҳеҷ гоҳ то мо дар чунин давраи геометрӣ зиндагӣ накардаанд. Ҳама атроф сартосар геометрия аст.

***Л. Корбюзе***



*Шамсиддин ШАРИПОВ,*
*саромӯзгори кафедраи таълими математикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# МИНБАРИ ДОНИШҶӮ

### УСТОДИ ВАРЗИШ ШУДАН МЕХОҲАМ!



***Сорбони ИЛҲОМ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ, сокини шаҳри Кӯлоб.***

Аз замони соҳибистиқлол гаштани ҷумҳурии азизамон аз тарафи Пешвои миллат баҳри рушди ҳаматарафаи ҷавонон як силсила барномаҳову қонунҳо қабул гардид, ки ин барои беҳбудии кор аст. Аз ҷумла, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфт. Айни ҳол, ки дар факултаи филологияи хориҷӣ таҳсили илм карда истодаам ва аз эълони "Соли ҷавонон" аз тарафи Пешвои миллат хело хурсандам. Ҳоло ки номзади устоди варзиш дар дар намуди гуштини миллӣ ҳастам. Мехоҳам, ки дар ин сол дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок варзида, парчами кишварамро боло бардорам ва номзадиро ба устоди варзиш табдил диҳам.

### БАЪДИ ХАТМИ КОЛЛЕҶ БА ДОНИШГОҲ ДОХИЛ МЕШАВАМ!



***Сомеъҷон ХОЛОВ, донишҷӯи соли 3-юми Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, сокини ноҳияи Восеъ.***

Соли 2017, ки "Соли ҷавонон" эълон шудааст, дар пеши худ мақсад гузоштам, ки баъди хатми Коллеҷи омӯзгорӣ ба донишгоҳ дохил шуда, таҳсиламро идома диҳам. Чи хеле ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромади худ ҷавононро пешбарандаи давлату миллат эътироф мекунад, мо ҷавонон бояд ин иқдоми пешгирифтаи Пешвои миллатамонро ба назар гирифта, барои пешравии давлати худ саҳми худамонро гузорем ва Пешвои миллатамонро боварӣ кунонем, ки дар ҳақиқат мо баҳри пешравии давлати худ хизмат мекунем.

### НИЯТ ДОРАМ, КИ БА ВАТАНИ АЗИЗАМ СОДИҚОНА ХИЗМАТ КУНАМ!

***Сабурҷон МУМИНЗОДА, донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ, сокини ноҳияи Восеъ.***

Мо ҷавонон бояд бо як рӯҳи болида соли ҷориро, ки соли мост пешвоз гирем ва ба дастовардҳои хуб ноил гардем. Ифтихор аз ғамхориҳои Пешвои



миллатамон дорем, ки ин солро ба мо ҷавонон бахшидаанд. Ман ифтихор аз он дорам, ки дар ин сол соҳиби номи донишҷӯ гардидам ва дар оянда орзу дорам, ки як иқтисодчии хуб ба воя расида, барои ватани азизам содиқона хизмат кунам.

### ТАМОМИ БОВАРИИ ДАВЛАТ БА ҶАВОНОН РАВОНА ШУДААСТ!



***Алӣ БОБОЕВ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи иқтисод ва идора, сокини ноҳияи Восеъ.***

Аз эълон гардидани соли 2017 "Соли ҷавонон" моро эҳсоси хубе фаро гирифт. Ин далолат аз он мекунад, ки тамоми боварии давлат ба ҷавонон равона шудааст. Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, 70%-и аҳолии Тоҷикистонро то синни 35-сола ташкил мекунанд. Мо ҷавононро мебояд, ки дар ин сол бо рафтори намунавӣ ва дониши хуб дар олимпиадаҳои фаннӣ иштирок намуда, парчамбардори Тоҷикистони азизамон бошем.

### ДАР ВКД КОРУ ФАЪОЛИЯТ КАРДАНИЯМ!



***Нилуфар МУРОДОВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ, сокини ноҳияи Восеъ.***

Дар "Соли ҷавонон" мехоҳам, ки бо рафтори намунавӣ ба қувваю бозуи бузург дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намоям. Фикр мекунам, ки донишгоҳро бо сари баланд хатм намуданро барои худ фарз ва қарз мешуморам. Инчунин, дар мусобиқаи тирпаронӣ, ки дар шаҳри Кӯлоб баргузор гардид, иштирок намуда, сазовори ҷойи намоён гардидам ва бо ифтихорномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ қадрдонӣ шудам. Мехоҳам, ки баъди хатми донишгоҳ дар Вазорати корҳои дохила кору фаъолият намуда, дар пойдор мондани сулҳу субботи мамлакатамон ҳиссагузор бошам.

### БОЯД ДАР ПЕШРАФТИ МАЛАКАТАМОН САҲМГУЗОР БОШЕМ!



***Фирӯза ҲАФИЗОВА, донишҷӯи соли 3-юми Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, сокини шаҳри Кӯлоб.***

Дар соли 2017, яъне "Соли ҷавонон" дар назди худ мақсадам гузоштам, ки таҳсиламро дар донишгоҳ идома дода, сазовори дипломи аъло гардам. Миннатдориямро ба Пешвои миллат мерасонам, ки ин солро ба мо ҷавонон бахшиданд. Мо ҷавононро мебояд, ки боз ҳам бештар кушиш намоем дар ҳама соҳаҳои гуногуни идоракунии давлат бо як ҳисси баланди масъулият кору фаъолият намуда, дар пешрафти малакатамон саҳмгузор бошем.

### МО ҶАВОНОН БОЯД ЗИНДАГИАМОНРО БА РОҲИ РОСТ БАРЕМ!



***Гулбаҳор ДАВЛАТОВА, донишҷӯи соли 2-юми Коллеҷи тиббии Кӯлоб, сокини ноҳияи Восеъ.***

Соли 2017-ро Пешвои миллат бо мо ҷавонон бахшиданд ва эълон намуданд, ки аз ин хеле хурсандам. Миннатдории худро ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён мекунам ва мақсади ягонаи ман он аст, ки корҳоеро ба анҷом диҳам, ки сабаби хушҳолии волидайн ва Ватани азизам шавад. Мо ҷавонон ояндаи миллат ва пешбарандаи давлати худ ҳастем. Ҳар панде, ки ниёгони мо ба мерос гузоштаанд бояд мо ҷавонон онро бо фикру ақидаи дуруст истифода бурда, зиндагиямонро ба роҳи рост барем.

### ШУКР, КИ ЧУНИН САРВАРИ МЕҲРУБОН ДОРЕМ!

***Суҳайлои РАҲМАТУЛЛО, донишҷӯи соли 1-уми факултаи иқтисод ва идора, сокини ноҳияи Муъминобод.***

Чунон ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ҷавононро ояндасози миллат



мегӯянд, мо бояд ба ин сазовор бошем. Пас, мо бояд ҷавонон шукрона аз он кунем, ки чунин сарвари ғамгусору меҳрубон дорем. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, мехоҳам, ки дар оянда ба халқу ватани худам хизмати софдилона кунам.

### РӮЗИ АРТИШ МУБОРАК!



***Суҳроб РИЗОЕВ, донишҷӯи соли 1-уми Коллеҷи тиббии Кӯлоб, сокини шаҳри Кӯлоб.***

Ман аз эълон гардидани соли 2017 ҳамчун "Соли ҷавонон" хело хурсандам. Мехоҳам, ки дар ин сол бо тамоми ҳастиам саъю кушиш намуда, донишамро дар соҳаи тиб баланд бардорам ва дар оянда як табиби хуб шавам. Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам тамоми мардуми кишварамонро ба 24-умин солгарди Артиши миллӣ табрик намоям ва аз даргоҳи Худованд таманнои он дарам, ки сафи ҷавонмардони Қувваҳои мусаллаҳ зиёд ва пурзур шуда, муқобили тамоми бадхоҳон муқобилият нишон диҳанд.

### БА ХАЛҚИ ХУД СОДИҚОНА ХИЗМАТ МЕНАМОЯМ!



***Дилангез МАЗАРИФОВА, донишҷӯи соли 1-уми факултаи химия, биология ва география***

Аз эълони "Соли ҷавонон" барои худ бисёр чизҳоро қарз шуморидам. Масалан, ман тавонистам, ки дар ин сол ба чандин комёбиҳо ноил гардам ва ният дорам, ки дар оянда низ ба муваффақиятҳо сазовор гардам. Дар оянда донишгоҳро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, бо аҳлоқи намунавӣ ба халқи худ содиқона хизмат намоям.

### "СОЛИ ҶАВОНОН"-РО БО ЭҲСОСИ ХУШНУДӢ ҚАБУЛ КАРДЕМ!

***Муҳаммадраҳими ХУРОСОНӢ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии исломии Афғонистон.***



Ҳамон тавр, ки огоҳӣ дорем, ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза мавқеи асосӣ доранд. Воқеан ҳам, ҷавонон ояндасозони миллат ва мамлакат ҳастанд. Вақте Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин солро ба ҷавонон бахшид, мо эҳсоси хушнудӣ кардем ва мо ҷавонон бояд ибрози сипосгузорӣ кунем, ки ин солро ба ҷавонон бахшидаанд. Ман ҳам ба ҳайси як ҷавон гарчанде ки шаҳрванди хориҷа ҳастам ва ҷавон ҳастам, ин миннатдориро ба Пешвои миллати тоҷикон мекунам, ки ин солро ба мо ҷавонон бахшид. Пешвои миллат ба ин бовар ҳастанд, ки ҷавонон ояндасози миллат ҳастанд ва ба нақши ҷавонон дар оянда бовар доранд ва ба тавоноии ҷавонони тоҷик бовар доранд ва ба ҳамин хотир ин солро ба ҷавонон бахшиданд, то ҷавонони тоҷик тавонанд бо тамоми нерӯяшон барои осоиштагии мардуми мамлакаташон кор кунанд ва ба Пешвои миллат собит бисозанд, ки ҷавонон тавоноии фаъолиятҳои ободию ободонӣ доранд. Мо ҷавонон ба ҷавонони тоҷик якҷоя тасмим гирифтем, ки ин солро дар ҳақиқат табдил ба соли ҷавонон гардонем, яъне нишастҳои илмӣ баргузор кунем, ба монанди кишварҳои дигар.

### ЗИҲӢ АРТИШИ МИЛЛӢ!



***Таманнои НАМОЗ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика.***

Паёми навбати Пешвои миллат ба мо ҷавонон таъсири хуб дод. Аз эълони "Соли ҷавонон" беҳниҳоят хурсанд шудем. Дар назди худ мақсад гузоштам, ки сатҳи дониши худро сайқал дода, дар пешрафти ватанамон, ки номаш Тоҷикистон аст, саҳмгузор бошам. Бояд тазаккур дод, ки ҳеҷ давлат бе қувваи ҳарбӣ ва бе артиш буда наметавонад. Хушбахтона, давлати мо низ дорои Артиши миллӣ буда, 23-юми феврал 24-умин солгарди онро дар донишгоҳамон ҷашн гирифтем. Бисёр ҳам як чорабинии хубе шуда гузашт. Аз фурсати муносиб истифода бурда, сараввал аз номи худ ва аз номи донишҷӯдухтарони донишгоҳ Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти мамлакатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар симои эшон тамоми аскарон, сарбозон ва он шердилони миллатро ба 24-умин солгарди Артиши миллӣ табрик гуфта, барояшон умри дароз, тани нерӯманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро тамонно дорам. Зиҳӣ артиши миллӣ! Зиҳӣ ҷавонони бонангу номуси миллат!

*Таҳияи*
*Алишер ЯТИМОВ*

Манора дар ш. Москва

Янтоқ, шутурхор


...и Раҳим

Шаҳр дар ҷазираи Сахалин

Муқобили мода

Равияи Ислом

...-н-рол

Жанри хурди насрӣ

Дарахти шохбурида

Навъи таъм

Шаҳр дар резишгоҳи д.Волга

Тирагӣ, зулумот

Дарё дар Тоҷикистон

Равшанӣ, зиё

Яке аз номҳои Иблис

Асари сегонаи адабӣ

Шаҳр дар Эстония

Фармон

Пропагандист

Алиш, бадал

Писари Дедал

Христианӣ, насронӣ

Ҳарфи алифбои форсӣ

Захми дасти деҳқон

Содда, муқаррарӣ

Оҳу

Нодир

Моддаи химиявии марговар


... Раҳимов

Кӯмак

Дарё дар Русия

Ҳам, инчунин

Деҳқони муғул

Таъмиргоҳи киштиҳо

Як ҷазираи Индонезия

Дар ишқ ноустувор

Нидои ҷанговарони рус ҳангоми ҳуҷум

Тарозу муайян мекунад

Ору

Паррандаи зоғмонанд

Шаҳрбандар дар Фаронса

Номи маъмули мардонаи русӣ

Оташ

Шаҳр дар Фаронса, ватани Жанна Д'Арк

Латиф, нозук

Арақи ҷопонӣ

«Ту гули лола, мо ...ем ҷон»


...-и Сироҷиддин

Мошини ҳарбӣ

Ҳофизи эронӣ

Ҷазираҳо дар шарқи Русия

Сиришк

Сузишвории ботлоқзор

Додар (лаҳҷ.)

Меваи тропикӣ

Зинат ..., актрисаи ҳинду

Саркаш, исёнгар

Асбоб барои навиштан

Илоҷ, тадбир

Пойтахти давлат дар Осиё

... Тзю, боксёр

Навъи пойафзол

Душман

Молхона

Паррандa аз оилаи сочҳо

Офати табиии баҳорӣ

Як навъ нӯшокии русӣ

... Бусли, овозхони машҳури ҳинд

Паст задан, бад гуфтан

Воқеият

Бепул, ройгон

Ню-..., шаҳр дар Амрико

Парвардигор, Яздон

Миллат дар Қафқоз

«Ҳеҷ кас ...и худро туруш намегӯяд»

Тамғаи автомат

Фарзанди зану мард ди гуногунмиллат


... Раҳимова

Муқобили ҷуфт

Олоти шишагӣ барои чашм

Мағозаи айнакфурӯшӣ

Ватани Одиссей

Дафтари суратҳо

Ҳаёт (юнонӣ)

Онро дар танӯр мепазанд

Тамғаи мошини хориҷӣ

Ҳосил

Агентии иттилоотии Эрон

Бинои сохтмонаш нотамом

Дарди захми сӯхта

"Робинзон ...", асари Д. Дефо

Ҷирми осмонӣ ва номи занона

# НАЗАРЕ БА НАШРИ ТОЗАИ КИТОБИ ДАРСИИ "МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ"



*Қаюм САНГОВ,*
*номзади илми педагогика,*
*дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки дар солҳои охир назар ба солҳои пешин роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми кишварамон ва зерсохторҳои он дар омода сохтан ва табъу нашри барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва дигар воситаҳои таълим доир ба фанҳои гуногуни мактабҳои миёнаю олӣ беш аз пеш диққату эътибори ҷиддӣ дода истодаанд. Хусусан, нашри китобҳои дарсии методикаи таълими фанҳои гуногун ба ёрии донишҷӯён, омӯзгорон ва дигар эҳтиёҷмандон иқдоми некест.

Ба наздикӣ нашри нави (5-умин) китоби дарсии доктори илми педагогика, профессор, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, устоди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ҳамкасб ва ҳамкори доимии мо Саидбой Шербоев таҳти унвони "Методикаи таълими забони тоҷикӣ" (Душанбе: 2016, 486 саҳ.) бо таҳриру иловаҳо бо теъдоди 1000 (ҳазор) нусха нашр гардид, ки он дар ҳаёти мадании кишвари азизамон кори хайр ва ҳодисаи фараҳбахш ба шумор меравад.

Дастури методии мазкур, асосан, барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи тоҷики мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон, инчунин омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои миёна, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва ғайра таъин гардидааст. Бояд гуфт, ки аз он дигар эҳтиёҷмандон низ ба таври васеъ истифода бурда метавонанд.

Дастури муаллиф бо "Сарсухан" (қариб 2 саҳ.), ки ба қалами академик М. Лутфуллоев тааллуқ дорад, инчунин бо "Муқаддима" (4 саҳ.), ки ба қалами муаллифи асар мансуб аст, оғоз меёбад. Асари профессор Саидбой Шербоев дар асоси барномаи таълимии ҳамин фан, ки ба қалами муаллиф мансуб аст, иншо гардидааст.

Ҳаминро бояд махсус қайд намуд, ки фаслҳои асосӣ ва калонҳаҷми китоб 2-то мебошанд: 1.Масъалаҳои умумии методикаи забони тоҷикӣ. (Ин фасл 5 бобро дар бар мегирад). 2.Таълими фаслҳои курси мактабии забони тоҷикӣ (Ин фасл аз 7 боб иборат аст). Ҳар кадом аз ин фаслҳои мазкур дар навбати худ якчанд бобу мавзӯъҳои хурду калони таълимиро дар бар мегиранд.

Қисмҳои нисбатан хурди дастур, ки дар охири китоб ҷой дода шудаанд, аз инҳо иборатанд: 1. Методикаи таълими нутқи мураттаб. 2.Корҳои берунaзсинфӣ аз забони тоҷикӣ. 3.Кабинети забони тоҷикӣ.

Илова бар ин, дар охири асари мазкур дар ҳаҷми 5 саҳифа (саҳ.478-482) таҳти сарлавҳаи "Маълумоти мухтасар оид ба ҷараёни ташаккул ва таҳаввулоти методикаи таълими забони тоҷикӣ" ҷой дода шудааст, ки он қобили зикр буда, аз нашри 2-юми ин китоб (соли 2012) инҷониб вуҷуд дорад. Дар ин қисмати кор зери сарлавҳаҳои махсус: а) фаъолияти пажуҳиши асосии методӣ ва б) корҳои асосии чопшуда дар бораи 12 нафар фидоиёни соҳаи илми методикаи таълими забони тоҷикӣ, ки аксарияти онҳо (11 нафар) соҳиби унвону дараҷаҳои илмӣ мебошанд, маълумоти мухтасар дода шудааст, ки аз манфиат холӣ нест. (Ин илова аз нашри дуюми китоб инҷониб вуҷуд дорад).

Чизи дигари ҷолиби диққати дастури методии профессор Саидбой Шербоев ин аст, ки дар охири ҳар як боб (ҷамъ: 15 боб) "Саволномаҳои тестӣ" илова карда шудааст, ки он аз ин пеш дар нашрҳои 1-4 китоби мазкур вуҷуд надошт. Ин иқдоми нек кори омӯзгорон, махсусан, онҳоеро, ки дар факултетҳои филологияи тоҷики донишгоҳу донишкадаҳои олии омӯзгории ҷумҳуриамон аз фанни "Методикаи забони тоҷикӣ" дарс медиҳанд, хеле осон мекунад. Дар ин бора дар аннотатсияи дастури мазкур хеле хуб қайд карда шудааст, ки "дар ин нашр дар иртибот ба талаботи низоми кредитии таълим дар охири ҳар як боб саволномаҳои тестии панҷҷавоба (дар маҷмӯъ 260 саволнома) ворид карда шудааст, ки аслан на фақат барои донишҷӯён барои пешакӣ омодагӣ гирифтан ба санҷишу имтиҳонҳо кӯмаки амалӣ мерасонад, балки як идда саволномаи дар ин нашр бударо омӯзгорони мактабҳо метавонанд барои санҷидани донишу малакаи хонандагон аз забони тоҷикӣ низ истифода баранд".

Чунон ки доираи васеи кормандони соҳаи маориф ва илми ҷумҳуриамон медонанд, камина фикру мулоҳизаҳои шахсии худро холисона, бе ягон хотирбинӣ дар бораи ҳусну қубҳи нашрҳои 1,2 (солҳои 2009, 2012) асари мазкур дар рӯзномаи "Омӯзгор" (11.1Х.2009, № 38 ва 14.1Х.2012, №37) баён карда будам, ки ба аҳли зиё, хусусан, кормандони соҳаи маориф ва илми ҷумҳурии азизамон маълум аст. Мутаассифона, бо сабабҳои ба мо номаълум аксари нуқсонҳои дар асар ҷойдошта чи дар нашрҳои якуму дуюм ва чи нашри нав (соли 2016) ислоҳ нашуда мондаанд. Умед аст, ки баъди нашри ин тақризи камина ва тақризҳои дигарон менавиштагӣ нуқсон ва камбудиҳои дар ин нашр ҷойдошта (нашри 5) ислоҳ мегарданду қимати асари профессор Саидбой Шербоев чун асари "Методика"-и академик А. В. Текучев ҳамчун "Энсиклопедияи методӣ"-и аҳли маориф ва илми кишвари азизамон дар асри навин эътирофи умум мегардад. (Доир ба зикри истилоҳи "Энсиклопедияи методӣ" ниг.: Учительская газета. 11.У1.1987, № 69 (8850)

Ҳоло дар зер, боз ҳам холисона, фикру мулоҳизаҳои шахсии худро дар бораи камбудӣ ва норасоиҳои нашри охирини китоби дарсии профессор Саидбой Шербоев "Методикаи таълими забони тоҷикӣ" ба таври мухтасар баён мекунем, ки шояд дар нашри ояндаи ин асари нодир ва пурбаҳо то андозае ёрӣ расонад ва кори истифодабарандагони онро, махсусан, донишҷӯёну омӯзгоронро осон намояд.

1. Дар асар, мисли нашрҳои пешина, бо пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами "ва" сар кардани ҷумлаҳои нав ба назар мерасад, ки ба назари мо, қобили қабул нест. Саҳ. 84. "Чунон ки аз ин пеш гуфтем, ифодаи "чуноне ки" ғалат, нодуруст буда, шакли маъмул ва бехатои он "чунон ки" (ҳамчунон ки) мебошад.

2. Дар саҳ 116, 194, 410, пешояндҳои содаи аслии бо ба, ба аз дар шакли ғалат, пайиҳам оварда шуда, услубан ғалат буда, ислоҳ металабанд. (Дар ин бора дар вақташ устод Садриддин Айнӣ ба адибон таъкиде ҳам карда буд). Дар ин нашри асар низ дар 16 ҷой (саҳ. 124, 231, 259, 290, 302,) калимаи "фарқият" кор фармуда шуда, шакли дурусти он "фарқ"(ҳо) мебошад. Дар саҳ. 175, 177 чунин шакли ҷумлабандӣ ба назари мо, ғалат аст: "ба хонандагон бояд таъкид намуд, ки" "ба хонандагон бояд фаҳмонд, ки "Шакли дурусти он чунин аст: хонандагонро бояд таъкид намуд. хонандагонро бояд фаҳмонд. Бояд хабарҳои ҷумлаҳои мазкур бо феълҳои таркибии гузаранда ифода гарданд. Аз ин рӯ, пешоянди "ба"-ро партофта, ба охири калимаи "хонандагон" илова кардани пасоянди "ро" лозим аст.

3. Саҳ.166. Муаллиф ба китоби дарсии дар истифода набудаи "Забони тоҷикӣ" барои синфи У (нашри соли 2000) такя карда, таълим додани 6 гурӯҳи ҳамсадоҳои ҳалқиро; лабу дандонӣ, нӯгизабонӣ, миёнизабонӣ, пасизабонӣ, бехизабонӣ ва халқиро пешниҳод намудааст, ки қобили қабул набуда, хилофи принсипи дидактикии дастрасии таълим мебошад. Саҳ. 183 Дар ин қисмати китоб сухан дар бораи тарзи гузаронидани таҳлили фонетикии калима меравад. Дар ин ҷо бояд илова мегардид, ки ҳангоми таҳлили хаттии фонетикии калима ба зери овозҳои садонок як хатча, ҳамсадоҳо ду хатча, дар болои ҷарангнокҳо як хатча ва беҷарангҳо ду хатча мегузоранд.

4. Саҳ. 215. Дар боби "Таълими луғат" (калима) дар бораи тарзи гузаронидани таҳлили лексикии калима маълумот дода нашудааст, ки ин норасоӣ бояд ислоҳ карда шавад. Саҳ. 215-219. Таълими боби "Таъбирҳо" (фразеология) нопурра ва хеле кӯтоҳ мебошад. Онро бояд такмил дод.

Инчунин дар ин қисм дар бораи тарзи истифодаи "Луғати фразеологии мактабӣ" тамоман маълумот дода нашудааст. Дар сурате ки ин гуна луғат алҳол вуҷуд дорад ва тарзи мустақилодид" (шуд) "баргузор гардид" (шуд) ва монанди инҳо мебошад.

6. Дар саҳ. 300-314 сухан дар бораи тарзи таълими ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ меравад. Чунон ки маълум аст, дотсент, марҳум Қ.Рустамов соли 1964 дар ш.Москваи ФР доир ба ин мавзӯъ рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд, ки хулосаи мухтасари он баъдтар дар шакли 2 дастури хуби методӣ чоп шуда буданд. Муаллифи "Методика" - и мазкур аз ин асарҳо истифода набурдааст ва онҳо дар рӯйхати адабиёт низ қайд нагардидаанд.

7. Боби 10-уми китоби мазкурро методикаи таълими синтаксис (наҳв) ташкил мекунад, ки нисбат ба дигар бобҳо ҳачман хеле калон аст. Агар дар охири қисматҳои синтаксиси ҷумлаҳои сода, мураккаби пайваст ва тобеъ ба таври мухтассар тарзи гузаронидани таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои мазкур зикр мегардид, ба манфиати кор буд.

8.Дар боби "Таълими синтаксис" дар бораи тарзи ба ин ё он хели ибора (масдарӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳолӣ) баргардонидани ин ё он хели ҷумлаи пайрав сухан намеравад. Ҳамчунин доир ба таълими услубшиносӣ ҳамчун боби махсус маълумот дода нашудааст. Дар саҳ. 432, 450, 451-460 сухан дар бораи таълими имло ва аломатҳои китобат (пунктуатсия) меравад. Дар ин ҷо ягон адабиёти илмӣ-методии ба забони тоҷикӣ таълифгардида (ба мисли дастурҳои методии М. Қурбонов ва диг.) қайд нашудаанд. Ба назари мо, баъзе қисматҳои китоб ихтисор карданро талаб мекунанд. Ҷо-ҷо ба кашолкорӣ роҳ дода шудаст.

9. Дар саҳ. 481 асар дар рӯйхати мақола ва дастурҳои методии нашргардидаи камина ба ду хатои техникӣ роҳ дода шудааст, ки ислоҳ металабад: 1.Дар зикри номи дастури якуми мо ("Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои 5-6") ба ҷои калимаи "синфҳо" синф навишта шудааст. (Дар саҳ. 220 дар рӯйхати адабиёт ин камбудӣ дида намешавад) 2.Дар навишти номи мақолаи мо ба ҷои унвони "Таҳлили лексикии калима" саҳван "Таҳлили калима" қайд шудааст, ки хато мебошад (Ин нуқсон дар ҳамаи нашрҳои асари муаллиф дида мешавад ва то ҳол ислоҳ нашуда мондааст).

10. Асари мазкур аз хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ орӣ нест. Чунончи, дар саҳ. 418 саҳван ба ҷои истилоҳи сарҷумла (сатри 12, аз поён) калимаи "сараъзо" кор фармуда шудааст, ки ислоҳ металабад.



11. Ниҳоят, нағз мебуд, ки шахсони мутасаддии нашри китоб, аз ҷумла муқарризон, нашри охирини асари мазкурро бодиққат, ҷиддӣ ва ба таври танқидӣ хонда, пас аз он барои чопаш иҷозат медоданд, нуран алонур мешуд.

Саъдии бузургвор дар вақташ барҳак гуфта буд:

***"Аз суҳбати дӯстон ба ранҷам,***
***К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.***
***Айбам ҳунару камол бинанд,***
***Хорам гулу ёсуман намояд.***
***Ку душмани шӯхчашми чолок,***
***То айби маро ба ман намояд"***

Дар хотимаи ин тақриз камина таманнои онро дорам, ки бигузор дигарон: методистон, устодони мактабҳои олии омӯзгорӣ, муаллимони собиқадор, пешқадам ва эҷодкори мактабҳои миёна фикру мулоҳизаҳои шахсии худро доир ба ҳусну қубҳи асари мазкур холисона, бе ягон хотирбинӣ дар матбуоти даврӣ, хусусан, дар рӯзномаи "Омӯзгор", ки он нашрияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, баён кунанд.

---



**Ҷаҳонгир РУСТАМ**

# МуқОиса

Ростӣ мавзӯъҳои доғдор дар ҷомеаи мо хеле зиёданд. Касе, ки онҳоро дарк мекунад ва мефаҳмад, сардаргум мемонад, ки кадоме аз онҳоро нависад. Хеле аз корҳо, рафторҳо ва муносибатҳои мо ғалат аст.

Мо хостем, оид ба муносибат ва рафтори гурӯҳе аз мардумон бо ҳамдигар ҳангоми дар мансаб будан ва аз мансаб рафтанро ба риштаи таҳлил бикашем. Ин мавзӯъ замоне зеҳни маро машғул кард, ки аз забони чанд нафар онро шунидам.

Як шиносам замоне мансаби баландеро соҳиб буд ва баъди аз мансаб рафтан ҳодисаеро ба ман нақл кард. Ӯ гуфт, ки замоне ки дар мансаб будам, ҳангоми гирифтани маош аз банкомат ҳама омӯзгорон як тараф истода, мегуфтанд, ки: "Марҳамат устод, аввал Шумо гиред!". Баъди аз мансаб рафтан барои гирифтани маошам назди банкомат раҳсипор шудам ва медонед, ки чӣ ҳодиса шуд? Дар назди банкомат омӯзгорони унвондору беунвон (ассистентон) хеле зиёд буданд ва мани профессорро (!) ҳатто салом надоданд, "Марҳамат устод, аввал Шумо гиред!" як тараф истад. Гарчанде ки ман ба онҳо дар вақти мансаб буданам ҳеҷ бадие ҳам накарда будам. Хулас, фаҳмидам, ки ин ҳама ҳурмат барои мансабам будааст.

Рафиқи дигарам гуфт, ки замони дар мансаб буданам, телефонам "дам" намегирифт, аммо замони аз мансаб рафтанам, гӯё телефонам бо ман "қаҳрӣ" карда бошад, касе маро занг намезанад.

Як нафар олими дигар иброз дошт, ки ҳар рӯз даҳҳо нафар барои машваратҳои илмӣ гирифтан ба наздам меоянд ва бовар дорам, ки агар рӯзе бемор шавам, касе аз ман хабар намегирад. Ҳама ҳурмату эҳтиром аз барои ҳамон унвони "доктор"-иам ҳаст. Агар унвон набошад, як хоки раҳӣ.

Хонандаи азиз! Мо бовар дорем, ки чунин гуфторҳоро садҳо бор шунидаеду бо чунин рафтор амал кардаед. Бовар кунед, ин амали мо билкул хатост. Мо набояд барои мансаб инсонро ҳурмат ва эҳтиром кунем. Ин эҳтиром нест, ин рӯирост фиребу найранг аст. Замони дар мансаб будан барои мардум фариштаему вақти аз мансаб рафтан ҳатто як "гусола" хатои маро меёбад. Замони дар мансаб будан дурусткорем ва ҳама моро ситоиш карда "устод", "домулло", "ҷаноб" ва "алоҳазрат" мегӯяду вақти аз мансаб рафтан таҳқирҳо ва таҳвинҳо мешунавем. Охир мемурдед, дар замони мансаб будан таҳқиру таҳвин мекардед? Наметавонистед! Барои он ки аз он мансаб манфиате меҷӯстед.

Хулоса, мо новобаста ба мансаб, боварҳои динӣ, эътиқод, унвонҳои илмӣ, рутбаву дараҷа ва ғайра инсонро ҳурмат кунем ва ба қадраш бирасем. Инсон бузургтарин махлуқи офаридаи Худованд аст, ки бешубҳа бояд онро ҳурмат бинмоем. Аз чоплусӣ, тамалуққорӣ ва пастфитратӣ даст кашидан даркор. Тарзе бояд буд, ки чи дар замони мансаб будан ва чи набудан муносибат як бошад. Мо, ки ҳоло ҷавонем набояд амал ва муносибатҳое бикунем, ки фардо кӯдакҳоямон аз падари "дурӯя", "серӯя", "даҳрӯя" ва "бистрӯяашон" шарм кунанд.

*Чӣ хуш бошад, ки ёбад ташнаи дер*
*Ба гармои биёбон шарбате сер.* Бедил



# АҶОИБОТ!

1. Дар Ҷопон соли таҳсил аз 1-уми апрел оғоз мегардад.
2. Токио аз ҳама шаҳри бехатартарин ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷо ҳатто кӯдаки 6-сола метавонад бе малол аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода барад.
3. Кӯчаҳои Ҷопон номгузорӣ нашудаанд.
4. Чой нӯшокии дӯстдоштаи ҷапониҳо мебошад. Онро ҳар кас ҳамун як ғизо истифода мебаранд.
5. Қазоқистон аз ҷиҳати истеҳсоли уран дар дунё ҷойи дуюмро ишғол мекунад.
6. 98,8%-и неруи баркро дар Тоҷикистон ба воситаи неругоҳҳои барқии обӣ истеҳсол мекунанд.
7. Аввалин чоҳи нафтро дар ҷаҳон дар ҳудуди Озарбойҷон канданд.
8. Озарбойҷон аз ҷиҳати лойҳои шифобахши вулканӣ дар ҷаҳон дар ҷойи аввал меистад.
9. Ватани аслии шароб ба ақидаи гурҷиҳо - Гурҷистон аст. 700000- сол қабл дар ин сарзамин истеҳсол карда шуд.
10. Яҳудиҳо 2600 сол қабл дар Гурҷистон зиндагӣ мекарданад.

*Сафархуҷаи СУБҲОНУЛЛО,*
*донишҷӯи соли аввали факултаи химия, биология ва географияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# АЗ ОДАМИ ГАНДА...

*Парвардигори олам, раҳме намо ба банда,*
*Эмин бидор моро аз одамони ганда.*
*Чанди дигар бақо аст, умри харобгашта,*
*Ҷабру ҷафо кифоя, ночориҳо басанда.*
*Бародарӣ муфид аст, баробари рақобат,*
*Асло макун баробар моро ба ҳар газанда.*
*Рӯйи вафо надидам, ҷабру ҷафо кашидам,*
*Дилам надида шодӣ, лабам надида ханда.*
*Донам таноби умрам, чун шоми ғам дароз аст.*
*Хеле заиф кардӣ онро ту канда-канда.*
*Охир чӣ чора созам то раҳмате намоӣ*
*То кай Аюбӣ бошад андар бало фиканда.*

*Нуралӣ АЮБӢ*

# ОДАМИРО ПОК БУДАН ХИСЛАТИ ОЛӢ БУВАД,

*Одамиро пок будан хислати олӣ бувад,*
*Дур будан аз ҳама кибру ғурур мардӣ бувад.*
*Даври кору зиндагонӣ бигзарад бо як шитоб,*
*Бигзарон давлат, ки ҳамчун даври инсонӣ бувад.*
*Одамиро қалби дилсӯзе ҳамебояд ба ҷон,*
*Ишқу кору номи поке дӯстон дар ин ҷаҳон.*
*Дар вуҷуд бояд, ки тухми меҳру ростиро бикошт,*
*Хотири шоду вуҷуди хайрхоҳ бояд, ки дошт.*
*Одамӣ дар ҷисму ҷон бояд, ки бошад хоксор,*
*То нагардад аз ҷафову рашку зулмат дилфигор.*
*Хоксорӣ одамиро мекунад овозадор,*
*Номи нек бошад ба мисли қалби покаш пойдор.*

*Гулнора САФАРОВА, донишҷӯи бахши сеюми факултаи химия, биология ва географияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ПИСАРЕ ХУСУРИ ПАДАР ВА КЕЛИНЕ ХУШДОМАНИ ХУСУР

Марде қасди худкушӣ кардан дошт, ки ҳакиме ӯро диду гуфт:

- Чаро худкӯшӣ мехоҳӣ?

Мард гуфт:

- Ман як мушкили печидаи оилавӣ дорам.

Ҳаким гуфт:

- Ҳар мушкиле роҳи ҳалли худашро дорад. Мушкилат чист?

Мард гуфт:

- Як зани бевае гирифтам, ки духтар дошт. Он духтари ҳамсарам ба падарам писанд омаду бо вай издивоҷ кард. Падарам чун ба духтари занам-духтарам издивоҷ кард, ҳамсари духтарам шуду ман амаки падарам! Вақте занам бача таваллуд кард, ин бача набераи падарам шуд. Ва чун писарам бародари зани падарам, ки холаи писарам холаи манам мешавад, гардид, ин бачаам тағоям шуд. Аммо вақте зани падарам бача зоид, бачаи ӯ шуд бародари ман аз падарам ва ҳамзамон ман шудам бобои бародарам, чун вай набераи занам аз духтараш аст. Азбаски зани ман бибии бародарам ҳаст, вай бибии ман низ мешавад ва ман ҳам набераи занам мегардам! Дар айни ҳол ман шавҳари бибиям гаштам ва набераашх ҳам, зеро вай-яъне, ҳамсарам бибии бародарам ҳаст. Ба ҳамин тариқ, ман бобои бародарам мешавам, бобои худам ва набераи худам ҳам!

Ҳаким гуфт:

- Ба Худо таваккал карда, худкӯшӣ кун. Худо худатро ҳам бигирад падаратро ҳам ва падари он касе, ки дувумбора туро суол мекунад.

# Эълон!

Ба таваҷҷуҳи донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мерасонем, ки аз 1-уми январи соли ҷорӣ воридшавии мақолаҳо ба рӯзномаи "Анвори дониш" ба сатҳи "рекордӣ" расид. Танҳо аз 1-уми январ то ҳоло 95 мақола ворид гардидааст. Аз ин рӯ, ба таваҷҷуҳи Шумо мерасем, ки мақолаҳо бо тартиботи муайян ва бо навбат чоп хоҳанд шуд. Ҳеҷ як мақолаи Шумо аз мадди назари мо дур нахоҳад монд ва мо ҳам имконияти чопи ҳамаи мақолаҳоро дар як ва ё ду шумора надорем. Аз ин хотир, ба маълумоти Шумо мерасонем, ки мақолаҳоятон ҳатман дар нашрҳои оянда чоп хоҳанд шуд.

Ҳайати эҷодии рӯзнома

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Муҳаммадҷони Сайидҷафъар донишҷӯи соли 4-уми факултаи молия ва иқтисодӣ, шуъбаи кори бонки (шакли таҳсил рӯзона) додаст, бинобар сабаи гум шуданаш аз эътибор соқит донишста шавад.

# МАВЛУД МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва командони зерини донишгоҳро, ки дар нимаи дуюми моҳи феврали солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама соросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!**

**Бигузор дар умрашон баракат ва дар касбашон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.**

1. **ҲУСЕЙНИ БОБОҶОН**, 02.03.1992, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ, н. Ховалинг;
2. **ХИДИРОВ ФАРҲОД**, 03.03.1983, ассистенти кафедраи назарияи иктисодӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҷ/д Зиракӣ деҳ, Сангпар;
3. **МАСТОНАИ РАҲМАТЗОДА**, 05.03.1992, ассистенти кафедраи математикаи олӣ, ш. Кӯлоб;
4. **РАҲИМОВ НЕЪМАТ**, 05.03.1962, муаллими калон, мудири кафедраи методикаи таълими математика, ш. Кӯлоб 20-солагии Истиклолият;
5. **КАҶКУЛЛОЕВ АБДУХОЛИҚ**, 08.03.1989, ассистенти кафедраи иқтисод корхона ва соҳибкорӣ, ш. Кӯлоб;
6. **ДАМИНОВА ҚУРБОНБӢ**, 10.03.65, мудири кабинети кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърих, ш. Кӯлоб, маҳ. Ш. Шоҳин 1/3;
7. **ИЗЗАТОВА МУҲАББАТ**, 10.03.1952, доктори илмҳои педагогии кафедраи тарбияи томактабӣ, ш. Кӯлоб, маҳ. А. Мусо;
8. **ТАБАРОВ МИРЗОАЛӢ**, 10.03.1938, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, ш. Кӯлоб маҳ. Куйбешев;
9. **САМАДОВ РАҲМАТУЛЛО**, 10.03.1985, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ, ш. Кӯлоб, маҳ.1-май;
10. **ҲАЛИМОВА ДИЛНОЗА**, 10.03.1993, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ, н. Кӯлоб, деҳ, Лағмон;
11. **МАДИЕВА НИЛУФАР**, 11.03.1986, лаборанти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ, ш. Кӯлоб, маҳ. 1-май;
12. **ИЗЗАТОВА НОЗАНИН**, 13.03.1987, танзимгари факултаи иқтисод ва идора, ш. Кӯлоб маҳ. Ҳисориён 116;
13. **ХУДОЙДОДИ ШАРИФ**, 14.03.1987, ассистенти кафедраи табиияи ҷисмонӣ, н. Муъминобод;
14. **САФАРОВ АБДУЛВОҲИД**, 14.03.1990, мутахассиси марказӣ тестӣ, ш. Кӯлоб кӯчаи Айнӣ;
15. **ҲИДИРОВ ХУДОЙКУЛ**, 15.03.55, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо, н. Кӯлоб деҳ. Сангпар;
16. **ҲАДИСАМОҲ ГАДОЕВА**, 15.03.1952, лаборанти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ, ш. Кӯлоб маҳ. Ш. Шоҳин х.36/ут40;
17. **АЛАМОВА ХАТИЧА**, 15.03.1977, ассистенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ, ш. Кӯлоб, куч. Ҳувайдуллоев 49;
18. **РАҲМОНОВ ҲАБИБУЛЛО**, 15.03.1989, ассистенти кафедраи биология, н. Кӯлоб, маҳ. Зарбдор;

*ЗОДРӮЗ МУБОРАК, ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!*



АНВОРИ ДОНИШ
ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

МУҲАРРИР:
Ҷаҳонгир РУСТАМ

КОТИБИ МАСЪУЛ:
Шамшоди ҶАМШЕД

МУШОВИРОН:
АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО (профессор), С. КАРИМОВ (академик), М.О. ИБОДОВ (профессор), ҶУМЪАХОН АЛИМӢ (профессор), С. ХОЛИҚОВ (н.и.к.), Ш. ХУДОЙДОДОВА (н.и.ф.), Д. САЙДАҲМАДОВА (н.и.п), М. АБДУЛЛОЕВ (профессор), С. МИРЗОЕВ (профессор), Б. ҶӮРАЕВ (м.к)

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 0011/рз 23.04.2014 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (83322) 3- 31- 15
Мобилӣ: 918-344-516; 918-334-442.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" бо теъдоди 2000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj

САҲИФАБАНД:
Баҳриддин САНГИМАДОВ